آوازتاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

22 июни соли 2024
Шанбе
№ 49
(15060)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ПРЕЗИДЕНТИ МУҒУЛИСТОН БО САФАРИ ДАВЛАТӢ БА ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН ТАШРИФ МЕОРАД

Бо даъвати Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев Президенти Муғулистон Ухнаагийн Хурэлсух 23-26 июн бо сафари давлатӣ ба кишварамон меояд.

Мувофиқи барномаи будубоши меҳмони олӣ дар шаҳри Тошканд музокироти сатҳи олӣ дар назар аст, ки дар ҷараёни он масъалаҳои густариши минбаъда ва таҳкими муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкории бисёрҷанбаи Ӯзбекистону Муғулистон баррасӣ хоҳанд шуд.

Аз ҷумла, аз рӯзнома нақшаҳои рушди муколамаи созандаи сиёсӣ ва робитаҳои байнипорлумонӣ, вусъат додани гардиши моли дуҷониба, татбиқи лоиҳаҳои ҳамкорӣ дар соҳаи саноати кӯҳӣ, кишоварзӣ, чорводорӣ, саноати сабук, тандурустӣ, соҳаи нақлиёт, логистика ва дигар самтҳо ҷой гирифтаанд. Инчунин чораҳои муштараке, ки ба густариши равобити фарҳангиву башардӯстӣ ва сайёҳӣ нигаронда шудаанд, низ баррасӣ хоҳанд шуд. Бинобар мушкилоти байналмилалӣ мубодилаи афкор барпо мегардад.

Бинобар натиҷаи ҳамоиш имзои бастаи ҳуҷҷатҳои байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ дар назар аст.

Дар чаҳорчӯби барномаи сафари давлатӣ мулоқоти роҳбарони ду кишвар бо намояндагони ширкатҳои бонуфуз ва доираҳои тиҷоратӣ, як қатор чорабиниҳои дигари дуҷониба доир мешаванд.

Президенти Муғулистон Ухнаагийн Хурэлсух инчунин ба шаҳри Хива сафар карда, дар он ҷо бо мероси ғании фарҳангиву таърихии халқи мо шинос мешавад.

**ӮзА.**

## НГОЗИ ОКОНҶО-ИВЕАЛА, директори генералии СҶТ:

## ПАЙРАВИИ ШАХСИИ САРВАРИ ӮЗБЕКИСТОН БАРОИ ШОМИЛ ШУДАН БА СОЗМОНИ ҶАҲОНИИ ТИҶОРАТ ДАР СУРЪАТ БАХШИДАН БА РАВАНДИ ГУФТУШУНИД НАҚШИ КАЛИДӢ БОЗИД

Сомонаи Созмони ҷаҳонии тиҷорат дар бораи сафари директори генералии ин созмон Нгози Оконҷо-Ивеала ба Ӯзбекистон, мулоқоти ӯ бо Президент Шавкат Мирзиёев ва ширкат дар конфронси ислоҳот ва пайвастан ба СҶТ мақола нашр кардааст.

Дар мақола гуфта мешавад, ки дар доираи сафари худ ба Осиёи Марказӣ директори генералии СҶТ рӯзҳои 5-6 июн ба Ӯзбекистон ташриф оварда, дар конфронси сатҳи баланди «Ислоҳоти иқтисодӣ дар Ӯзбекистон ва раванди шомилшавӣ ба СҶТ», ки дар Донишгоҳи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва дипломатия баргузор гардид, суханронӣ кардааст.

Конфронс аз ҷониби Ӯзбекистон ва Созмони ҷаҳонии савдо дар ҳамкорӣ бо Хазинаи байналмилалии асъор (ХБА) ва Бонки ҷаҳонӣ ташкил карда шуд. Дар он намояндагони ҳукумат ва шарикони рушд ширкат доштанд.

«Директори генералӣ Нгози Оконҷо-Ивеала дар суханронии худ ба ӯҳдадориҳои ҳукумати Ӯзбекистон ва ҷидду ҷаҳди он барои пешбурди раванди узвият ба он баҳои баланд дода, аз ҷумла Фармони Президентро аз 3 июни соли 2024, ки чанд соат пеш аз омадани ӯ содир шудааст, қайд намуд», – гуфта мешавад дар мақола.

Қайд карда мешавад, ки барои бомуваффақият пайвастан панҷ ҷузъи асосӣ зарур аст. Ба инҳо иродаи қавии сиёсӣ, механизми муассири ҳамоҳангсозии байни вазоратҳо, ҳайати музокиракунандаи боғайрат таҳти роҳбарии сармузокироти салоҳиятдор, дастгирии шарикон ва харитаи роҳ барои пайвастан ба вақти муайян дохил мешаванд. Ба гуфтаи вай, ҳангоми пайвастани Ӯзбекистон чаҳор ҷузъи аввал мавҷуд аст. Барои ба итмом расонидани узвият, вай ба Ӯзбекистон тавсия дод, ки «харитаи роҳ»-ро дар сатҳи ҳукумат барои то ҳадди ақал то соли 2026 мувофиқат кардан ба қоидаҳои СҶТ таҳия созад ва ба соҳаҳое таваҷҷуҳ кунад, ки аъзоён дархостҳои мушаххас кардаанд.

Гуфта мешавад, ки дар рафти мулоқот бо Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев, директори генералии СҶТ ба ӯ барои раҳбарӣ ва пайравии шахсиаш дар мавриди шомил шудан ба СҶТ, ки дар суръат бахшидан ба раванди музокирот нақши калидӣ дошт, изҳори сипос кардааст.

Вай ҳамчунин бо муовини Сарвазир, раиси Комиссияи байниидоравӣ оид ба шомилшавӣ ба СҶТ Ҷамшед Хоҷаев ва мушовири Президент оид ба рушди иқтисодӣ Равшан Ғуломов мулоқот анҷом дод. Зимни мулоқот дар бораи раванди узвияти Ӯзбекистон пас аз ҷаласаи охирини гурӯҳи корӣ, ки рӯзи 24 май баргузор шуд, табодули афкор сурат гирифт.

Дар мақола ҳамчунин зикр мегардад, ки дар ҷараёни сафараш ба Тошканд Донишгоҳи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва дипломатия – иштирокчии барномаи «кафедраҳои СҶТ» ба директори генералӣ Нгози Оконҷо-Ивеала унвони фахрӣ дод.

«Зимни лексия вай аҳамияти Донишгоҳи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва дипломатияро барои ташаккули иқтидори экспертии Ӯзбекистон дар соҳаи иқтисодиёти байналмилалӣ, муносибатҳои байналмилалӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ қайд намуд. Ин барои васеътар пеш бурдани манфиатҳо дар сиёсати тиҷорат ва муносибатҳои дипломатӣ муҳим аст», - гуфта мешавад дар мақола.

**АИ «Дунё»,**
*шаҳри ЖЕНЕВА.*

Аз ҳаёти деҳот

## МАҲАЛЛАИ «ЯНГИ АСР» ОБОД МЕШАВАД

Боре ба бозори деҳқонии шаҳри Фарғона мерафтам, то ки баъзе маҳсулоти зарурииро ба хона харида оварам. Ин бор гузорам аз назди идораи ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Янги аср», воқеъ дар ноҳияи Фарғона мегузашт. Манзарае диққатамро ҷалб намуд. Ходимони ҷамоати шаҳрвандони маҳалла пеш аз шурӯи кор, дар назди даромадгоҳи идора дастаҷамъона суруди миллиро замзама мекарданд. Баъди анҷоми суруди миллӣ аз раиси ҷамоат Дилшодҷон Каримов дар ин боб пурсидам.

– Вақте ки мо ҳар саҳар рӯзи навро зери садои суруди миллии худ истиқбол мегирем, ин дар мо ҳисси ифтихор аз кишвар, шукргузорӣ аз имрӯзи худ ва боварии бузург ба фардоямонро ба вуҷуд меорад, – гуфт Дилшодҷон Каримов.

Дарвоқеъ, ҷамоати шаҳрвандони маҳалла соли 2020 таъсис ёфтааст. Дар ин ҷо намояндагони беш аз даҳ миллат дар фазои ваҳдату ҳамгироӣ зиндагӣ мекунанд. Ҳоло дар ин ҷамоат ғайр аз раис, ёвари ҳокими ноҳия Шерзод Норматов, фаъоли занон Ёрқиной Турдиматова, пешвои ҷавонон Дилафрӯз Мавлонова, роҳбари гурӯҳи пиронсолону нуронииҳои маҳалла Ғайратҷон Бобобеков, инчунин нозирони профилактикӣ ва андоз машғули фаъолият мебошанд.

– Ҷамоати шаҳрвандони маҳалла натанҳо дар ноҳия, балки дар вилоят яке аз сераҳолитарин маҳаллаҳо маҳсуб меёбад ва бо суръати тез шумораи аҳолии он меафзояд. Имрӯзҳо дар 3 ҳазору 422 оилаи он ҳудуди 11 ҳазору 300 нафар аҳолӣ зиндагӣ мекунанд. Чизе, ки «Янги аср» аз дигар маҳаллаҳо фарқ мекунад, дар он аст, ки дар ин ҷо 66 хонаи бисёрошёна ва 1 ҳазору 450 хонаи типи намунавӣ мавҷуд аст, – мегӯяд Дилшодҷон Каримов.

Ҷамоат дар натиҷаи корҳои фаъолони он дар шаш моҳи соли равон 9 оилаи дар арафаи ҷудошавӣ қарордошта оштӣ кунонида шудаву аз ятим мондани 22 нафар кӯдакон ҷилавгирӣ ба амал омадааст. Фаъолони маҳалла аз аҳволи 280 оилаи камбизоат ҳамеша бохабаранд. 65 нафар маъюбони гурӯҳи якум ва 93 нафар парасторон аз ғамхориҳо баҳраманд мешаванд.

– Агар ба мисолҳои мушаххас рӯй оварем, – изҳор намуд раиси ҷамоат,– яке аз ҷанбаҳои хурсандиовар он аст, ки хонаҳои ошёнаи якуми 43 бинои истиқоматии давлатӣ ба ашхоси камбизоат, ниёзманд ва маъюб бо пешпардохт аз ҷониби давлат тақдим карда шуд ва соҳибони он аз супурдани пардохтҳои маҷбурӣ низ озод карда шуданд. Айни замон ба 19 оила, ки дар «Феҳристи оҳанин», ба 80 нафар, ки дар «Феҳристи занон» ва ба 5 нафар ҷавонон, ки дар «Феҳристи ҷавонон» ворид шудаанд, корҳои беҳбудсозии шароити иҷтимоӣ анҷом дода мешаванд.

Ба таъкиди Д. Каримов яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлати мо таҳти роҳбарии Шавкат Мирзиёев дар маҳаллаҳо роҳандозии бунёдкориҳо, сабукӣ бахшидан ба тарзи ҳаёти мардум, фароҳам овардани шароит ва таъмини зиндагии орому осуда мебошад. Дар ин замина моҳи июни соли 2023 дар маҳалла 15 хонаи 5-ошёна ба истифода дода шудааст.

– Агар дар ҳар бинои нав 20 хона мавҷуд бошад, тасаввур кунед, ки боз 300 оила дар хонаҳои нав бурёкӯбон хоҳанд кард ва шароити манзили зисти онҳо хеле беҳтар хоҳад шуд. Ҳоло саҳни хонаҳои нав мумфарш гардида, корҳои ниҳоӣ дар майдончаҳои бачагона ва роҳраҳо ба охир мерасанд, – қайд намуд Дилшодҷон Каримов.

Қобил ба ёдоварист, ки дар маркази вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он сохтмони мавзеъҳои «Ӯзбекистони Нав» босуръат давом дорад. Аз ҷумла, чунин мавзеъ дар маҳаллаи «Янги аср» низ бунёд мешавад. Мувофиқи лоиҳа дар он 32 хонаи панҷошёна ва 16 хонаи ҳафтошёна қомат меафрозад. Аллакай сохтумони 2 бинои ҳафтошёнаи истиқоматӣ дар арафаи ба охир расидан қарор дорад. Биноҳои дигар низ дар мӯҳлати кӯтоҳ мавриди баҳрабардорӣ қарор хоҳанд гирифт. Ҳамаи инфрасохтор дар мавзеъ ба таври замонавӣ эъмор мешаванд.

– Дар моҳи октябри соли хониши 2023-2024 мактаби дорои 960 ҷойи нишаст, 2 муассисаи томактабии давлатии барои 140 нафар сохтаву баҳрабардорӣ қарор мегиранд. Поликлиникаи оилавӣ, ки барои қабули 50 нафар беморон пешбинӣ шудааст, низ дар ин радиф ба истифода дода хоҳад шуд, – мегӯяд раиси ҷамоат.

Ба гуфтаи ӯ дар ин маҳалла мушкили оби равон вуҷуд дорад ва онҳо бо истифода аз шабакаи обрасоние, ки ба боғи «Ӯзбекистони Нав» оварда мешавад, ин мушкилро ҳал хоҳанд кард. Ғайр аз ин, дар ин мавзеъ 3 манораи оби тозаи нушокӣ мавҷуд аст ва шабакаҳои он низ кашида шудаанд. Аммо дар рӯзҳои гарми тобистон камбуди оби нӯшокӣ эҳсос мешавад. Бо назардошти он ки барои таъмини оби нӯшокӣ ба маблағи 1 миллиарду 950 ҳазор сӯм анбори оби махсуси 500 тоннагӣ сохта шудааст, аз ҳисоби он тавассути қубури калон аз масофаи қариб як километр шабакаи обёрӣ кашида шуда, масъалаи нарасидани оби нӯшокӣ низ ба зудӣ ҳалли худро пайдо хоҳад кард.

**Алишер ХОЛОВ.**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

## МУЛОҚОТ ДАР ФОРМАТИ «МУКОЛАМАИ НАСЛҲО» НАМОЯНДАГОНИ ӮЗБЕКИСТОН ВА ҚИРҒИЗИСТОНРО БА ҲАМ ОВАРД

***Дар шаҳри Ӯши Қирғизистон ҳамоиши байналмилалии «Муколамаи наслҳо» баргузор шуд.***

Дар чорабинӣ намояндагони мақомоти худидоракунии маҳаллии ду кишвар, донишҷӯёни як қатор муассисаҳои таҳсилоти олии Ӯзбекистон ва Қирғизистон ширкат варзиданд. Иштирокчиёнро муовини вазири фарҳанг, иттилоот, варзиш ва сиёсати ҷавонони Қирғизистон Марат Тагаев ва сардори Раёсати кор бо ҷавонони вилояти Андиҷон Камронбек Рустамбеков истиқбол гирифтанд.

Иштирокчиёни анҷуман – намояндагони насли калонсол ва ҷавони ду кишвар доир ба фаъолияти сиёсати ҷавонон, соҳибкорӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва ҳамкорӣ дар бахшҳои гуногуни тиҷорат табодули афкор намуданд.

Дар доираи муколама ҷамъомадҳои умумӣ, муҳокимаҳои сексиявӣ ва чорабиниҳои фарҳангӣ ташкил карда шуданд.

Меҳмонон аз Ӯзбекистон низ бо ёдгориҳои шоёни таҳсини таърихии шаҳри Ӯш шинос шуданд.

Илова менамоем, ки форум дар асоси тавофуқи дар ҷараёни сафари давлатии Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Қирғизистон моҳи январи соли 2023 ҳосилшуда ташкил карда, ба таҳкими минбаъдаи робитаҳои дӯстона ва густариши муносибатҳои ҳамкории наслҳои мухталифи ду кишвар нигаронида шудааст.

**АИ «Дунё»,**
*шаҳри Ӯш.*

## АНҶУМАНИ «СОҲИБКОРОНИ ҶАВОН» ДУ НАСЛИ СОҲИБКОРОНРО МУТТАҲИД НАМУД

*Дар Қасри эҷоди ҷавонони пойтахт бо ташаббуси ва ҳамкории «Бонки рушди тиҷорат», Бунёди «Ҷавонон – оянддаи мо» ва «Ҳаракати соҳибкорон ва корчаллонҳо»-и Ҳизби либерал-демократии Ӯзбекистон форуми ҷумҳурии «Соҳибкорони ҷавон» баргузор гардид.*

*Дар анҷумане, ки ба «Соли дастгирии ҷавонон ва тиҷорат», инчунин 30 июн – Рӯзи ҷавонон бахшида шуд, соҳибкорон, фермер ва стартапчиён иштирок карданд.*

*Мақсади асосии ташкил намудани форум дастгирии соҳибкорон ва стартапчиёни ҷавон, фароҳам овардани шароит барои мулоқот, ҷалб намудани ҷавонон ба тиҷорат ва молиявӣ гардондани лоиҳаҳои тиҷоратии онҳо мебошад.*




***Дар сурат:*** *лавҳа аз форум.*

***Суратгир: Ойбек ПАРДАЕВ (ӮзА).***

## ВАЗИР НАТИҶАҲОИ ИСЛОҲОТРО МЕСАНҶАД

***Вазири кишоварзии Ӯзбекистон Иброҳим Абдураҳмонов зимни як сафари корӣ ба вилояти Қашқадарё бо натиҷаҳои ислоҳоти иқтисодие, ки дар соҳаи зери роҳбарияш пиёда мегарданд, аз наздик шинос шуд.***

Чун дар ҳама соҳаҳо дар соҳаи хоҷагии деҳоти кишварамон ислоҳоти доманфарохе дар амал татбиқ мегарданд ва мурод аз он ҳарчи зудтар рушд додани соҳаи аграрӣ, истеҳсоли маҳсулоти хушсифат ва таъмини ниёзи рӯзафзуни бозорҳои ҷаҳониву дохилӣ ва ба ин тартиб ба даст овардани даромади ҳарчи зиёдтар аз фурӯши маҳсулоти истеҳсолшуда мебошад. Ҳамчунин таъмин намудани бозорҳои дохилии кишвар бо маҳсулоти мавриди ниёзи мардум ва таъмин сохтани амнияти бозори истеъмолии ҷумҳурӣ аз мақосиди аввалиндараҷаи ин ислоҳот мебошанд.

Иброҳим Абдураҳмонов дар сӯҳбат бо фермерони ноҳияи Қамашӣ гуфт, ки хоҷагии деҳотро бо илми ин соҳа бояд пайванд дод, то натиҷаҳои дилхоҳ ба даст оянд.

– Илми кишоварзиро бояд ҳар як фермер ва соҳибкорони соҳаи хоҷагии деҳот омӯзанд ва кори худро бо илми мавриди назар ҳамоҳанг созанд. Ин талаби замон ва ислоҳоти аграрие мебошад, ки солҳои охир дар сохтори хоҷагии деҳот мунтазам пиёда мешаванд, – таъкид намуд вазир.

Вазир ҳамчунин бо фаъолияти хоҷагии фермерии «Бозор ӯғли Абди» дар ноҳияи Қамашӣ шинос гардид. Хоҷагии фермерии мазкур дар 13 га майдон навъи хориҷии пунбадонаро кишт намудааст ва интизор меравад, аз он ҳосили нисбатан баланде ба даст оварад. Ҳамчунин дар 10 га замин навъи «Vexa»-и гандум, ки марбути селексионерони Русия аст, кишт намудааст ва корҳои озмоишӣ ва омӯзишӣ дар ин бора идома доранд. Дар сурати ба даст омадани натиҷаи дилхоҳ оянда кишти он дар хоҷагиҳои дигари ғаллапарвар ба роҳ монда хоҳад шуд.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.**

***Дар Ӯзбекистон ҳаҷми савдои мутақобила ва сармоягузорӣ бо кишварҳои хориҷӣ мунтазам меафзояд, лоиҳаҳо дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ бомуваффақият амалӣ мешаванд. Дар вилояти Навоӣ низ ин ҷараён босамар ба роҳ монда шудааст.***

## ҲАМКОРИҲО БО КИШВАРҲОИ ХОРИҶӢ ВУСЪАТ МЕЁБАНД

Ҳокими вилоят Нурмат Турсунов бо намояндагони ширкати «CO., LTD»-и Чин мулоқот намуд. Ҳангоми мулоқот ҳокими вилоят изҳор намуд, ки туфайли сиёсати оқилонаи роҳбарон муносибатҳои ду кишвар ба зинаи нав расидааст.

Ҳоким дар бораи ислоҳоти васеъмиқёси солҳои охири Ӯзбекистон, доири имкониятҳои мавҷуда барои сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ, имкониятҳои саноатӣ ва сармоягузорӣ, кооператсия ва базаи захираҳои минералӣ батафсил маълумот дод.

Намояндагони ширкат пешниҳод намуданд, ки барои татбиқи лоиҳаи истеҳсоли шиша дар ҳудуди вилоят 150 миллион доллар сармоягузорӣ мекунанд. Ҳангоми мулоқот зикр гардид, ки минбаъд низ барои татбиқи лоиҳаҳои нав ва таъмини аҳолӣ бо ҷойи нави корӣ корҳои бузургеро татбиқ менамоянд.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

# ГУЗАРГОҲ – РОҲИ ДӮСТӢ ВА САДОҚАТ

Ман дар назди гузаргоҳи марзии воқеъ дар ноҳияи Узуни вилояти Сурхондарё, ки «Чумчуқчар» ном дорад (тоҷикистониён «Дӯстӣ» мегӯянд), қарор дорам. Ин яке аз 17 гузаргоҳи дуҷониба ва байналмилалии марзӣ аст, ки мардуми ду кишвари ҳамсоя равуо мекунанд.

Ман ба шаҳри Душанбе равонаам. Гузаргоҳ серодам ва пурмошин... Садои мардуми саррофф, ронандагони кирокаш, мусофирони ҳозирак аз кишвари ҳамсоя ба давлати мо воридгардида... ба гӯшҳо менишинанд. Хусусан, саррофону (пулҷаллобон) ронандагони кирокаш як парда зиёдтар садо медиҳанд. Онҳо ба ҳар навомада часпида, ба сад лаҳну забон харидори асъор мегарданд. Ронандагони кирокаш бо баҳсу талош меҳмононро ҷониби мошинҳои худ мебаранд. Дар ин миён кори мардуми пулҷаллоб маро шигифтзада кард.

Ман ба чаҳор самти марз чашм медавонам. Мазмун, нуқтаҳои табодули асъорро меҷӯям. Ду хоначаи хурд ба чашмам мерасанд, ки дар пештахтаи онҳо гуна-гуна об, шарбат ва дигар анвои ғизоӣ чида шудаанд. Як бинои шишабанд «Ошхона» ном дорад, ки ҳанӯз дараш бастааст. Аз навиштаи кӯҳнаи пештоқи он, ки шояд дар ин авохир кандаву нав кардаанд, маълум буд, ки замоне «Дорухона» будааст. Аз дил мегузаронам, ки аслан беҳтар буд, ба мизоҷон чун дорухона хидмат мекард. Ман нуқтаи фурӯши асъорро наёфтам. Ҳамагӣ панҷ ё даҳ қадам дур аз шахсони низомипӯш пулҷаллобон ҳар нафареро, ки ба хоки Тоҷикистон ворид шуданист, ё ба кишвари Ӯзбекистон пой мениҳад, печонда, бо табдили асъор машғуланд. Одамон ноилоҷ дар ҳамин ҷо маблағашонро иваз карда, аз пайи кори худ мераванд.

Ин манзараи нохуб аст ва ба обрӯйи як давлати мустақил соя меафканад. Агар меҳмонони хориҷӣ шоҳиди чунин корҳои дилхиракунанда гарданд, дар бораи ҳукумати мо чӣ меандешанд? Ҳоло сайёҳон зуд-зуд аз кишвари мо ба ҷониби Тоҷикистон мераванд, ё аз он сӯ ба Ӯзбекистон ворид мегарданд. Албатта, дар бораи саёҳати худ гузоришҳо таҳия месозанд ва аз беэътибории мақомот дар марз, ки натавонистаанд нуқтаҳои фурӯши асъорро роҳандозӣ кунанд, дар таҳайюр хоҳанд монд. Аз эҳтимол дур нест, ки саррофони ноқонунии марз бинобар нафси бад меҳмононро биранҷонанд ва дар натиҷа сайёҳони кишвари мо дар бораи Ӯзбекистон ва мардуми он таассуроти нохуш ҳосил кунанд.

Ин як мушкилест, ки илоҷи ҳаллу фасл дорад, аммо чаро касе эътибор намедиҳад? Чаро ба он аз паси панҷа менигаранд? Дар ҳар сурат, бояд пеши роҳи ин амалҳои нохуш гирифта шавад.

Ман банди чунин андешаҳо ҷониби хадамоти гумруки марз меравам ва бори худро ба дастгоҳи рентгенӣ гузошта, хулосаи нозири онро мунтазир мешавам.

Ӯ ба дастовези ман – китобҳо мутаваҷҷеҳ мегардад ва чун мефаҳмад, ки онҳо асарҳои бадеӣ ҳастанду худ хабарнигори нашрия мебошам, андак мулоим мешавад. Талошҳоям бобати суҳбат бо сарвари идораи гумрук дар марз бесамар монданд. Сардор ба фотеҳаи кадом як шиноси наздикаш, ки аз олам гузаштааст, рафта буд. Раҳбари бахш (смена) Отабек иброз дошт, ки танҳо дар сурати мувофиқат бо раҳбарияти мақомоти болоӣ, яъне Раёсати гумруки вилояти Сурхондарё метавонад ба саволҳои ман посух диҳад. Вай гуфт, ки то ҳол бинобар убуру мурури марз муаммое пеш наомадааст. Аз рӯзе, ки раҳбарони воломақоми ду кишвар ба ҳам дидору мулоқот намудаву мушкили раводид ва як идда масъалаҳои вобаста ба марзро, ки ба дӯстии ду халқи азалан бародар соя меафканданд, ҳал намуданд, равуои мардум ба ду самти марз осон ва зиёд шудааст. Ҳамин нуктаро намояндаи марзбонони Тоҷикистон низ тасдиқ ва аз додани маълумоти бештар дар бораи шумори мардуми ҳамеша дар рафтуо, мошинҳои боркаш… худдорӣ намуд. Аммо равуои озод ва бидуни монеаи одамон аз чеҳраи ҳар кадоми онҳо аён буд. Агар роҳеро, ки тақрибан ду километр тӯл дошта, бояд пиёда тай кунед, ба ҳисоб нагирем, мушкиле нест, ки ба дӯстии ду кишвари ҳамсоя – Ӯзбекистон ва Тоҷикистон халал расонад.

Ман дар замони раҳбари пешини Ӯзбекистон ҳам ба Тоҷикистон сафар кардаам. Он замон аз Тирмиз ба Тошканд рафтаву аз сафоратхонаи Тоҷикистон дар Ӯзбекистон раводид гирифтан лозим буд, яъне пас аз як ҳафтаи сарсониҳо ба мақсад мерасидем. Хоса, аз мардуми ҳамдигар душмантарошиҳои мақомоти қудратии ҳар ду кишвар дилҳоро хира мекард. Шукри Худованд, ки ҳоло ин ҳама яххо об шудаву муносибати ҳасанае ҷорӣ гардидааст, ки воқеан хеле нишотангез мебошад, – аз дил мегузаронам ман. Ин фикрро аз забони аксари одамоне, ки ҳамсуҳбат мешавед, мешунавед…

Вазъ дар он самти марз – Тоҷикистон ҳам таврест, ки дар боло нақл шуд. Саррофон ба табодули ғайриқонунии арз машғуланд ва ронандагони кирокаш бобати пайдо кардани мизоҷи нав байни худ баҳс мекунанд. Он ҷо низ нуқтаи табодули арз вуҷуд надорад.

Чун дар Душанбе – пойтахти Тоҷикистон ба дидори дӯстон ва мулоқоти ҷонбахшашон мушарраф шудаву боспас ба Ватан бармегаштам, ҳамроҳам дар мошини кирокаш се нафари дигар буданд. Гуфтанд, ки аз шаҳри Кӯлоб ҳастанд ва азм доранд, ба ноҳияи Шӯрчии вилояти Сурхондарё бираванд. Азимҷон писари онҳо аз ман хоҳиш намуд, ки ба падару модараш раҳнамоӣ кунам. Амаки Сулаймон ва холаи Насиба дар даст бор доштанд.

– Ба хостгорӣ меравем, – гуфтанд онҳо. – Писари хурдиамон Раҳимҷон дар шаҳри Маскав бо духтаре аз ин ноҳия вохӯрдаву ҳамдигарро хуш кардаанд.

Онҳо, зану шавҳар ба маҳаллаи Элбоёни Шӯрчӣ раҳсипор буданд. Даҳ сол муқаддам чунин воқеа нодир ба назар мерасид. Зеро режими раводид, ки байни ду ҷумҳурии ҳамсоя ҷорӣ буд, ба ҳама гуна муносибатҳо садди Чин гузошта, мардумро ба андеша водор месохт. Ин як муносибати хубу азалии халқҳои ду кишвар буд, ки ман бевосита шоҳидаш гаштам.

Чун кирокашеро ёфтаву меҳмононро шинонидам, холаи Насиба гуфт.

– Додарҷон, илтимос, моро то манзил роҳнамоӣ кунед, зеро боре фиреби сахт хӯрдаем.

Маълум гардид, ки онҳо чун аз шаҳри Кӯлоб баромадаву ба Душанбе мерасанд, аз ронандаи таксӣ хоҳиш мекунанд, ки ба маҳалли кирокашҳои самти Турсунзода бирасонад. Ронанда мегӯяд, ки аз Хуҷанд ба Шӯрчӣ рафтан наздиктар аст ва ба фиребу найранг ду шахси солхӯрдаро ба шаҳри Хуҷанд мерасонаду ба мошини дигар супорида 500 сомонӣ ҳақи хидмат меситонад. Хостгорон мефаҳманд, ки фиреб хӯрдаанд ва аз Хуҷанд то вилояти Сурхондарё боз роҳи дарозест. Онҳо дубора як миқдор хароҷот кашида, ба Душанбе меоянд.

Дар чашмони холаи Насиба ва амаки Сулаймон ҳузни вазнине соя афканда буд.

– Аслан ба чунин саргарангӣ ҳоҷате набуд. Аммо чӣ кунем? Ҷигарбандамон арӯсро аз роҳи дуре хуш кардааст. Нахостем ба ишқи ҷавонон завол расад. Ногузир розӣ шудем. Охир, волидон барои хушбахтии фарзандон ба ҳар душворӣ тоқат мекунанд, – мегӯяд амаки Сулаймон ва аз баъзе одамони бадкирдор сидқан хафа шавад ҳам, аз пешомади фараҳбахше ба ваҷд омада, ҳама мушкилотро фаромӯш месозад.

Мо ба мошинҳои роҳи Тирмиз нишастем. Меҳмонон ба манзили дилхоҳ расиданд. Мани аз шодиву дуоҳои неки пиру кампири хостгор баҳравар роҳи худро идома додам.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

***Аъзои гурӯҳи кории ҷумҳуриявӣ оид ба омӯзиш ва ҳалли мушкилоти аҳолӣ ба маҳаллаҳо рафта, бевосита бо сокинони он вохӯриҳо ташкил мекунанд. Дар ин росто мушкилиҳои мардум мавриди омӯзиши ин гурӯҳ қарор гирифта, роҳҳои ҳалли он ва камбудиҳо беш аз пеш бартараф мегарданд.***

# МУШКИЛОТ ОМӮХТАВУ КАМБУДИҲО БАРТАРАФ МЕГАРДАНД

Ба ин гурӯҳи корӣ ҳокими ноҳия ва муовинони ӯ ҳамроҳӣ карда, ҷиҳати ҳалли масъалаҳои мавҷуда ва бартараф шудани камбудиҳо аз наздик ҳамкорӣ ва мусоидат менамоянд.

Гурӯҳи корӣ бо шаҳрвандони маҳаллаи Соҳибкор вохӯрда, бо фаъолияти ҳафтгонаи маҳалла шинос шуданд. Зимни ташриф ба хонаҳои сокинони маҳалла маҳз ба мушкилоти онҳо марoқ зоҳир карданд. Инчунин дар робита ба корҳое мубодилаи афкор намуданд, ки аз рӯйи таҷрибаи Сайҳунобод дар ин ҷамоат амалӣ мешаванд.

Аъзои гурӯҳи корӣ дар вохӯрӣ бо сокинони ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Навоӣ низ бо рафти корҳое шинос шуданд, ки аз ҷониби намояндагони идораҳои дахлдор барои ҳалли мушкилоти ҷойдошта анҷом додаанд. Суҳбат бо як идда кулолгарони ин ҷамоат басо ҷолиб буд.

**Аброр ДЕҲҚОНОВ,**
**котиби матбуоти ҳокими ноҳияи Риштон.**
*Вилояти ФАРҒОНА.*



*Дар маҳаллаи Чекхитойи ноҳияи Бағдоди вилояти Фарғона сафи онҳое, ки аз замини наздиҳавлигӣ пурсамар истифода бурда, даромади калон ба даст меоранд, меафзояд. Баробари ин тавассути ба роҳ мондани корхонаи азнавкоркарди маҳсулот ба занону духтарони маҳалла ҷойи нави корӣ фароҳам оварда шуд.*

*– Солҳои зиёд аҳолии деҳаамон, ки зиёда аз 500 хонадонро ташкил медиҳад, бо рӯёндани ҷорӯб машғул буданд, – мегӯяд раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Чекхитой Адҳамҷон Шерқӯзиев. – Пештар ин маҳсулотро ҳамчун ашёи хом ба фармоишгарон расонда медодем. Ҳоло бошад, корхонаҳои оилавии маҳаллаамон азнавкоркарди маҳсулотро ба роҳ монда ҷорӯб, воситаҳои шустушӯи асбобҳои рӯзгорро ба содирот мебароранд.*

***Дар сурат:*** *дар корхонаи оилавии маҳаллаи Чекхитойи ноҳияи Бағдоди вилояти Фарғона.*

***Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ӮзА).***

# ҲИСОБОТИ ВАКИЛИ ХАЛҚ

***Ҳар як вакили шӯрои депутатҳои халқро мардум бо эътимод интихоб мекунанд. Ба онҳо сокинон душвориҳо ва масъалаҳои гуногуни зиндагиашонро арз менамоянд. Вакили халқ уҳдадор аст, ки дар алоқамандӣ бо идораю муассисаҳо онҳоро бартарафу ҳал намуда, дар назди интихобкунандагони худ бовариро сафед кунад.***

Дар қасри фарҳанги деҳаи Варзики ноҳияи Чуст чунин маҷлиси ҳисоботии яке аз вакилони халқ баргузор гардид.

Алишер Қосимов хатмкардаи Донишгоҳи давлатии Наманган аст. Фаъолияти педагогии худро аз муаллимии фанҳои умумитехникӣ ва меҳнат сар карда, то вазифаи директори мактаб расидааст.

5 сол пеш, баъди ба нафақа баромадан, ҳамдиёрон ӯро раиси маҳаллаи Пилол интихоб намуданд. Дар як вақт бо ин Алишер Қосимов аз ҳавзаи интихоботии рақами 9-уми вилояти Наманган чун намояндаи Ҳизби сотсиал-демократии «Адолат» вакили халқ интихоб шуд.

Бо нишонҳои сарисинагии «Меҳр-саховат», «30-солагии истиқлоли Ӯзбекистон» ва ду тақдирномаи ҳокими вилоят мукофотонида шудааст.

Депутати Шӯрои депутатҳои халқи вилоят Алишер Қосимов дар ҳисобот таъкид кард, ки барои хидматҳои кардааш ба халқ розӣ ва аз мардум миннатдор аст. Депутатӣ вазифаи пурмасъулият аст. Ӯро бошандагони 5 деҳаи калон — Варзик, Варзигон, Қароқӯрғон, Ғаво ва Дам интихоб намудаанд. Бо дарду ғами ҳазорон бошандагон ҳамдам шудан осон нест. Бо ин равиш ӯ дар асоси қарору дархостҳои Президент дар байни мардум, махсусан, бо хонаводаҳои камбизоат, муҳтоҷ ба ёрии иҷтимоӣ ва ногиро аз наздик кор бурд. Ба 500 хонадон қитъаи замин гирифта дод, аз ҷумла, ба аҳли маҳаллаи Пилол.

Қасри фарҳанги деҳаи Варзик таҷдид гардида, ба кор даровардa шуд. Чанде аз сокинон ба боғи корпоратсияи Русия дар ҳудуди Варзик ба кори стаждор ҷойгир карда шуданд. Маоши онҳо аз 2 миллион сӯм кам нест.

Барои деҳқонҷавонон трактор ва дигар воситаҳои техникӣ дода, онҳо самаранок истифода мешаванд. Ба ногироён аз ҷониби давлат ва ҳисоби худи раис ёрии моддӣ дода шудаанд. Дар маҳаллаҳо сешанбе — рӯзи хониши сиёсӣ ва чоршанбе — рӯзи дида баромадани мурочиатҳо эълон шуда, ин чораҳо барои роҳбарону сокинон қулаю нафъбахшанд.

Бо ташаббусу роҳнамоии Алишер Қосимов дар маҳаллаи Пилол зиёда аз 20 ҳазор дона ниҳолҳои мевадеҳ ва манзаравӣ шинонда шуда, ҳоло онҳо дар сабзишу нашъунамоянд.

Дар мактаби таълими миёнаи умумии рақами 13-уми маҳалла дар асоси бурди «Опен буҷа» бинои серошёнаи таълимӣ сохта шуда истодааст.

Аҳолии деҳаи Дам шоданд, ки бо оби тоза таъмин гардиданд. Дар Варзик 20 чашма тоза ва оби онҳо истеъмолбоб карда шуд. 5 трансформатори қувваи барқ ва симчӯбҳо иваз карда шуданд.

Шахсан Қосимов ба боғчаҳо даромада, чанд бор сифати хӯрокҳоро аз назар гузарондааст.

Дар деҳаи ҳамсояи Каркидон корхонаҳои истеҳсолии масолеҳи бинокорӣ чанд нафар ҷавононро ба кор қабул карданд. Занону духтарон дар сеххҳои нави дӯзандагӣ ба кор оғоз намуданд.

Дар ҳар кору масъала намояндагони ҳафтгонаи маҳаллаҳо, ҳоким ва ҷонишинони онҳо ба депутат Қосимов дасти ёрӣ дароз кардаанд.

Маҳмуда Амонова, муаллимаи мактаби рақами 13-ум мегӯяд:

– Мактаби мо ба барномаи инвеститсия даромад. Сохтмони нав шуда истодааст. Бо монитори дохилӣ назорати онро Қосимов бурд. Бо ёрии «Опен буҷа» сохтмони варзишгоҳи тобистонаро бурида будем, он дар мактабамон сохта шуда, ҳоло дар истифода аст. Қосимов дар мактабамон чанд бор ба мо дарси маҳорат омӯзонданд. Он кас дар маҳаллаҳо хона ба хона даромада, бо аҳвол шинос шуда, чора мебинанд. Депутати интихобкардаи мо боварииро сафед карданд.

Маҳбуба Йӯлдошева, директори қасри фарҳанги деҳаи Варзик низ мегӯяд: Депутати мо Алишер Қосимов ба ҳар ислоҳоту дигаргуниҳо ҳиссаи арзанда гузоштанд. Ба ободии маҳалҳо, хуррамии боғҳо, аз ҷумла, ба пешравии маданию маънавӣ,барои ба корҷокунии кадрҳо ва оштикунонии оилаҳо ҳам эътибор дода, ёрӣ мерасонад.

– Барои ёрию ғамхориашон ба депутат Алишер Қосимов аз номи худаму ҷавонон миннатдорӣ баён мекунам. Ба мо ҳар субҳ, маҳалладаврзанӣ, дилсӯзӣ ва маслиҳатҳои хуб доданӣ он кас писанду ибратомӯзанд, – мегӯяд Аброр Ғаниев, пешбари ҷавонони маҳаллаи Пилол.

Дар охир раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Пилол Геройҷон Рустамов хабар расонд, ки барои ободии маҳалла ва ҳам барои қулайӣ ба мактаббачагон дар ду ҷойи сой кӯпрук сохтаанд.

**Ш. МИРЗОЕВ.**
*Вилояти НАМАНГОН.*

*ХАБАРҲО*

## ҲАЛЛУ ФАСЛИ МУШКИЛОТИ АҲОЛӢ ДАР ҚАРОҚАЛПОҚИСТОН

***Иқлими на он қадар мусоид низ ба зиёд шудани мушкилоти аҳолӣ дар ҳавзаи Арал, хусусан Қароқалпоқистон сабаб шудааст. Аз ин рӯ зиндагии мардум дар минтақа ҳамеша мавриди ғамхории давлат қарор дорад. Бо супориши роҳбари давлати мо гурӯҳи махсуси корие таъсис ёфт, ки вазифаи аввалдараҷааш омӯхтани мушкилоти аҳолӣ ва ҳалли дигар масъалаҳои рӯзмарра дар Қароқалпоқистон мебошад.***

Ҷонишини мушовири Президент – роҳбари Қабулхонаи халқ Улуғбек Муҳаммадиев ба гурӯҳи корӣ, ки ходимони масъули Маъмурияти Президент, Шӯрои Вазирони Қароқалпоқистон, роҳбарони секторҳо, вакилони вазорату идораҳо ба таркиби он дохиланд, роҳбарӣ менамояд. Ташкил кардани хоҷагии қитъаҳои ёрирасон, ривоҷ додани соҳибкорӣ дар асоси «Таҷрибаи Сайҳунобод» ва ғайра дида баромада шуданд. Хусусан, дар асоси тамоюли «маҳаллабайъ» дар 403 маҳаллаи қаламрав муаммои аҳолӣ омӯхта шуд. Дар давоми ду рӯз 2 километр роҳҳои дохилӣ мумфарш гардид. Бо мақсади беҳсозии таъминоти энергетикӣ, гази табиию моеъ ва оби нӯшокӣ як қатор корҳои муҳим ба амал бароварда шуданд. Барои таъмини аҳолӣ бо шуғл ва рушди соҳибкории оилавӣ ба 381 нафар ҷавонон ба миқдори 6,1 миллиард сӯм кредит ҷудо карда шуд. Дар ҷамъ 16 ноҳияи Қароқалпоқистон 180 нафар аҳолӣ аз назорати тиббӣ гузаронда ва ҷарроҳии ройгони 7 нафар бемор бомуваффақият анҷом ёфт.

## КОР БО ПАРТОВИ МАИШӢ

***Ҳаракатҳо дар роҳи ба амал баровардани нишондодҳое, ки аз фармони роҳбари давлат дар бораи чораҳо оид ба такмил додани сохтори идоракунии партов ва камсозии таъсири салбии он ба вазъияти экологӣ (6 январи соли равон) баромада меоянд, самара мебахшанд.***

Хидматҳо марбут ба партови маишӣ хушсифат мегардад. Имконият фароҳам омад дар тамоми ҳудудҳои ҷумҳурӣ мониторинги партови маишӣ ҷорӣ гардад ва ҳаракатҳои ғайриқонунӣ таҳти назорат қарор дода шавад.

Назар ба таъкиди мудири шуъбаи инспексияи Назорати давлатии экологӣ Хуршед Пиров, бинобар маълумотҳои статистикӣ ба ҳар сар аҳолӣ рӯзе аз 800 грамм то 1,2 килограмм партов рост меояд. Дар шаҳри Тошканд рӯзе ба ҳисоби миёна 2,5 ҳазор тонна партови маишӣ ҳосил шуда, сохтори ба ҷои лозимӣ бурда партофтани он ба роҳ гузошта шудааст. Яке аз муҳимтарин вазифа – коркарди партов. Алъон танҳо 20 фоизи партов ба коркард фаро гирифта шуда бошад, мақсад гузошта шудааст то соли 2030 миқдори коркард ба 60-80 фоиз расонда шавад. Коғаз, пластмас, метал ва баъзе навъҳои дигари партов аз нав кор карда шаванд, боқимондаашон дар полигонҳои махсус гӯронда мешаванд.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**



# ЗАФАР МУБОРАК, ҒАЛЛАКОРОНИ КОНИМЕХ

*Ғаллакорони ноҳияи Конимех дар вилояти Навоӣ аввалин шуда нақшаи ғунучини ғалларо иҷро намуданд. Ғаллакорони ноҳия барои нигоҳдошти муваққатӣ ва фурӯши маҳсулот бо нархи озод дар биржа ба корхонаи муваққатан нигоҳдошти маҳсулоти донӣ 3 ҳазору 340 тонна ғалла супориданд.*

*Соли равон дуруст ба роҳ монда шудани корҳои агротехникӣ дар 36 хоҷагии фермерӣ самараи худро дод. Хоҷагиҳои фермерии «Неъматов Муъмин», «Чордара мулк сервис», «Соҳиб», «Орзи бобо», «Шӯркӯл – Оқтепа», «Учқун Норқул ӯғли», «Аймекен», «Бобомурод», «Қоракӯл Учтепа сур», «Тӯртқара», «Нурлан», «Конимех сарбони» нақшаи истеҳсоли маҳсулоти ғалладонаро сарбаландона иҷро намуданд.*

*Ҳоло дар саҳроҳои ноҳия ғунучини маҳсулоти ғалладона давом дорад.*

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

***Соли ҷорӣ ғаллакорони ноҳияи Косонсой дар 6 ҳазор гектар майдон кишт намуда, барои рӯёнидани ҳосили баланд меҳнат мекунанд.***

# МАВСИМ ДАВОМ ДОРАД

Баҳори имсола барои заҳматкашони саҳро низ баъзе мураккабиҳоро пеш овард. Аммо, деҳқонону фермерони чашмикордон душвориҳоро бо меҳнату кордониҳои худ паси сар намуда, ҳосили фаровон рӯёниданд.

Вазифаи навбатаи муҳими имрӯза ҳосили пухтарасидаро саривақт ба масканҳои қабул расонидан аст. Барои ин 17 отряди механиконидашуда ташкил карда шудааст. Ба ҳар як отряд яктоӣ комбайнҳои ғалладаравӣ, 5 нақлиёти боркаш ва ҳамчунин хонаҳои сайёр барои истироҳати аъзоён ҷудо гардидааст. Барои таъмири таъҷилӣ мошинҳои махсуси хидматрасонии техникӣ омода шудаанд. Дар майдонҳо мавсим давом дорад.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар Намангон+**

# РИШТАИ АБРЕШИМИИ ЭКСПОРТ

***Ҳоло Ӯзбекистон дар истеҳсоли абрешим пас аз Чин ва Ҳиндустон ҷойи савумро соҳиб шудааст, ки натиҷаи ривоҷу равнақи саноат мебошад. Танҳо дар вилояти Самарқанд беш аз 10 муассисаи коркарди пиллапарварӣ вуҷуд дошта, иқтидори онҳо соле қариб 480 тонна аст.***

Бо сиёсати дурандешонаи сарвари давлатамон қариб тамоми ашёи хом ба тарзи матоъи абрешим ё қолин ба хориҷа экспорт мегарданд.

Боиси хушнудист, ки имсол кирмакпарварони вилояти Самарқанд 3 ҳазору 878 тонна пилла истеҳсол кардаанд, ки нисбати соли гузашта 500 тонна зиёд аст. Агар вилоят соли гузашта ба миқдори 18,6 миллион доллар ашёи хом фурӯхта бошад, имсол ин нишондод ба 2,4 миллион доллар афзуд.

Яке аз корхонаҳои бузурги коркарди абрешим «Кумуш тола «-и хусусии ноҳияи Каттақӯрғон (роҳбари он зани ташаббускору ғайратманд Марям Ниёзова) риштаи ҳамкорӣ бо давлатҳои араб, Озарбойҷон, Куриёи Ҷанубӣ, Покистон, Эрон ва ғайра дорад.

– Озуқаворӣ барои пиллапарварӣ муҳим аст, – иброз дошт Марям Ниёзова, – ана барои ҳамин дар 4 гектар замин бо тутпарварӣ машғул ҳастем. Аз ҳама муҳимаш, қариб 100 нафар аҳолии ноҳия бо кори фоиданок машғул ҳастанд.

Дар Ҳиндустон ва Хитой аз ҳар қуттӣ кирмак 85-90 кило пилла мегиранд, дар мо ҳамагӣ 40-50 килограмм, ин таассуфовар аст.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

# «ТАШАББУСКОРӢ ВА ЭҶОД МАРО БА ҚУЛЛАҲОИ БАЛАНД РАҲНАМОӢ МЕКУНАД»,

мегўяд муассиси клуби эҷодкорони ҷавон – «Оҳу» Зилолабону Холиқова

Вай бо як идда аҳли қалами тоҷик робитаҳои дўстиву эҷодӣ дорад. Зилолабону намунаҳои ба забони ўзбекӣ тарҷумашудаи ашъори онҳоро бо шавқу завқи том мехонад. Мехоҳад, ки домани ин равобити эҷодӣ боз ҳам фарохтар гардад ва аҳли эҷоди тоҷику ўзбек барои таҳкими рафоқати миёни ду халқи аз қадим дўсту бародар беш аз пеш саҳми бештар гиранд.

Зилолабону Холиқова 15 январи соли 1987 дар шаҳри Ҷиззах таваллуд шудааст. Дар мактаби миёнаи рақами 21-уми ба номи Ҳамид Олимҷон таҳсил кардааст. Баъди хатми синфи шаш ба шўъбаи «Рақси миллӣ»-и Коллеҷи санъати ба номи Ботир Зокирови шаҳри Тошканд дохил шудааст ва аз ҳамон вақт ба ин сў сокини пойтахт мебошад. Ў ба варзиш шуғл меварзад. Аз рўи таэквандо соҳиби камари сиёҳ ва чемпиони Ўзбекистон шудааст. Зилола Холиқова соли 2021 ба узвияти Иттиҳодияи нависандагони Ўзбекистон пазируфта шудааст. Инчунин ў узви Созмони иҷтимоии «Истеъдодҳои дунё» мебошад. Аз соли 2015 узви Ҷамъияти гунгу карҳои Ўзбекистон аст. Вай баъди як бемории сахт маълўл шудааст, аммо ба ҳаёт ба умед менигарад.

Бори аввал бо Зилолабону Холиқова – ҷавондухтари резапайкар дар мулоқоти «Дидор ширин»-и дўстони фейсбукӣ вохўрдаам. Ин дидору мулоқот дар яке аз гўшаҳои табиаташ фусункору хуррами шаҳраки Водили ноҳияи Фарғона, дар соҳили ҷўи калони обаш мусаффо, ки аз баландкўҳҳои Шоҳимардону Ёрдон маншаъ мегирад, ба вуқўъ пайваста буд. Зилолабону андак бо забони гирифтаи ширин суҳбат мекард. Донистам, ки гўшаш ҳам дуруст шунаво нест. Бо вуҷуди ин атрофиён нисбати вай меҳрубониву мурувват нишон медоданд ва шеърҳояшро бо мароқ гўш мекарданд.

*Мешавам хушбахт,*
*эй модари ҷон,*
*Бахти ман ояд сўи ман*
*хандон,*
*Дуоят иҷобат хоҳад шуд,*
*бидон,*
*Оби чашмонат марезон,*
*модар.*

Ман дар қатори дигарон ба тарзи шеърхонии Зилолабону чанд лаҳза гўш дода, дарк намудам, ки дар ҳар як байти шеъри ў, ғайр аз меҳру муҳаббат нисбати модар, забони модарӣ, Ватан, ишқу меҳр, инчунин дарде низ ниҳон аст, ки шояд танҳо ба ўву Худованд маълум мебошад. Вай сокин ва ором ба шеърхонӣ идома медиҳад.

*Туӣ, модар, нишони*
*давлати ман,*
*Вуҷуди ман, тавону*
*савлати ман.*
*Набитвонам, ки бе ту*
*буда як дам,*
*Наҷотам бошӣ андар*
*зиллати ман...*

Дарвоқеъ, ин дидору мулоқоти дўстони фейсбукӣ, ки тахти роҳбарии зодаи шаҳри Қувасой, пизишки кўдакон, шоира, нависанда ва журналист Муаззама Иброҳимова сурат мегирифт, аз сар то интиҳо хотирмону ҷаззоб буд. Дар он дастикам сад нафар адибон, журналистон, блогнависон, дўстдорони каломи бадеъ ва меҳмонони маҳаллӣ ширкат доштанд. Ҳамаи онҳо аз шеърҳои шоирон ва суруду таронаҳои дилошўб баҳравар гардида, бо таассуроти ғанӣ ба шаҳру ноҳияҳои худ баргаштанд.

Сонӣ бо Зилолабону дар чанд чорабинии фарҳангӣ вохўрдам, ки дар пойтахт баргузор гардидаанд. Боре гуфт, ки мехоҳад бо ду-се шоири тоҷик робитаи дўстӣ пайдо кунад, ки забони ўзбекиро низ донанд, то ки шеърҳояшро ба забони нобу гуворои форсии тоҷикӣ тарҷума кунанд ва дар байни хонандагон оммавӣ гардонанд. Аз рўи донистаам чанд нафарро ба вай муаррифӣ намудам. Аксарияти онҳо дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғди Тоҷикистон машғули кору фаъолият мебошанд.

Баъд робитаам бо Зилолабону Холиқова барои чанд муддат гусаста шуд. Бо вуҷуди ин, бо фаъолияти эҷодии ў тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ каму беш ошно мешудам. Чанде муқаддам дар шабакаи телеграм ба навиштаҳои Зилолабону Холиқова чашмам афтод. Маълум шуд, ки ашъораш ба забонҳои дигар тарҷума шудаву дар маҷмўаҳои дастаҷамъӣ-алманаххо интишор ёфтаанд. Гузашта аз ин, дар баробари нашри шаш маҷмўаи ашъораш, як китобаш ба забони озарӣ тарҷума шудаву ба табъ расидааст ва маросими муаррифии он низ дар шаҳри Боку баргузор гардидааст.

Бо Зилолабону дубора тамос гирифтам ва гуфтам, ки дар робита бо боздидҳо ва дастовардҳои ў гузорише таълиф хоҳам кард. Вай розӣ шуд.

– Бо тақозои тақдир дар чанд кишвари дунё шудам. Ҷумҳурии Озарбойҷон аз ҳамон шумор мебошад. Маҳз тақдир дар яке аз ин сафарҳо маро бо шахсе рў ба рў намуд, ки байнамон риштаҳои дўстӣ пайдо гардид. Ин шахс журналист, шоир, мутарҷими маъруф, узви Иттифоқҳои нависандагон ва журналистони Озарбойҷон, сармуҳаррири рўзномаи адабӣ-иҷтимоии «Исмайилли ёзарлари» Шаҳмаммед Султонов мебошад, – гуфт Зилолабону Холиқова.

Вай афзуд, ки бори аввал Шаҳмаммед Султоновро дар ҷашнвораи байналмилалии «Санъат, фарҳанг ва адабиёт» дида буд, ки он дар вилояти Қодирлии кишвари Туркия баргузор гардидааст.

– Дар ҳамон ҷашнвора иттифоқ афтод, ки бештари вақт мо ҳамроҳ раванди таҳаввулоти онро мушоҳида кунем. Дарвоқеъ, ман аз дўстӣ бо одамони зиёд канора меҷўям, вале ҳамон вақт шиносоӣ бо Шаҳмаммед Султонов бароям ба иди ҳақиқӣ табдил ёфт, чунки вай хеле самимӣ суҳбат мекард ва нисбати ман меҳру мурувват нишон медод. Баъд чанд сол бо ҳам во нахўрдем.

Иттифоқи дигар уфтода, ки барои ширкат дар маросими муаррифии китоби алманах Зилолабонуи шоира ба шаҳри Боку – пойтахти Ҷумҳурии Озарбойҷон расман даъват шавад. Зимнан вай аз ташрифи худ Шаҳмаммед Султоновро огоҳ намудааст. Омаданашро шунида Ш.Султонов ғайричашмдошт гуфтааст, ки китобаш ба забони озарӣ чоп шуд.

– Баъди шунидани ин хабари хуш ҳар як рўзи дар Боку буданам барои ман ба рўзи ид табдил ёфт. Ҳамон рўзҳо хабари тоза дар дили вакилони аз Ўзбекистон ба Боку ташрифоварда низ шодиву сурур мебахшид. Дарк намудам, ки дар олам ҳанўз одамони хуб хеле зиёданд, ки бо иқдоми наҷиби худ ба дили мо барин маълўлон шодиву фараҳ мебахшанд, – иброз медорад ҳамсуҳбати ман.

(Давомаш дар саҳ.4).

Ба пешвози 100-солагии «Овози тоҷик»

# МУҲИДДИН АМИНЗОДА ВА МАСЪАЛАИ ЗАБОНИ ТАЪЛИМ

***Муҳиддин Аминзода (1904. Хуҷанд – 1966. Душанбе) журналист, шоир, тарҷумони тоҷик буда, дар оилаи мударрис таваллуд шуд, то солҳои 20-уми садаи XX дар мактаби куҳна, сипас дар мактаби нав таълим гирифтааст. Баъди хатми курси омўзгории Самарқанд дар ҳамин ҷо муаллимӣ кард. Дар давраи омўзгории ў бисёр мактабҳои таълимашон ўзбекии шаҳри Самарқанд ба забони тоҷикӣ табдил дода шуданд.***

Солҳои 1928-29 дар Институти мусиқии хореографии Самарқанд таҳсил намуд. Маҳз дар ҳамин давра аввалин мақолаву шеърҳояш дар рўзномаи «Овози тоҷик» ва маҷаллаи ҳаҷвии «Мулло Мушфиқӣ» чоп шуданд. Дар матбуоти даврии Тоҷикистон – маҷаллаи ҳаҷвии «Хорпуштак» ва рўзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» низ шеърҳо, мақола ва ҳаҷвияҳояш рўйи чопро диданд.

Маҷмўаҳои ашъораш «Шеърҳо», «Чаман», «Садои зафар», «Баҳори Ватан», «Шеърҳои мунтахаб» ва «Баҳори дил» аз чоп баромадаанд. Мутарҷими соҳибистеъдод буд. Асарҳои шоирону адибони русу украин – Пушкин «Борис Годунов», »Лўлиён», масалҳои Крилов, шеърҳои Лермонтов, Шевченко, ҳамчунин достони«Фарҳод ва Ширин»-и Алишери Навоӣ (бо Раҳим Ҷалил) ва дигарҳоро ба тоҷикӣ тарҷума кардааст.

Зимни варақгардонии дўхтаҳои «Овози тоҷик» дар Китобхонаи миллии ба номи Навоӣ ба «Масъалаи забон дар мактабҳои Бухоро» («Овози тоҷик», № 251, аз 12 августи соли 1928) ном мақолаи М. Аминзода дучор омадам, ки боиси таваҷҷуҳ буд. Дар мақола аз таҷрибаи ба тоҷикӣ табдил додани мактабҳои шаҳри Самарқанд сухан меравад. Мақола ҷавоби маслиҳатӣ буд ба мақолаи Б. Икромӣ (нигаред: «Овози тоҷик», № 46, 12 июни с. 2024), ки дар поён зикраш меравад.

Ба гуфтаи «Сухан аз даҳони Луқмон хуш аст» такя карда, онро пешкаши хонандагон менамоем.

*«Дар шумораи 245-уми соли 1928 рўзномаи «Овози тоҷик» мақолаи рафиқ Б. Икромиро, ки дар бораи Маҷлиси маслиҳатии якумин, ки дар бораи ба забони тоҷикӣ давом кунонидани мактабҳои Бухоро дар 8 моҳи июл дар Бухоро шуда будааст, товонад илова бо он дар ин мақолачаи худ камтар аз таҷриба, ки дар мактабҳои Самарқанд дида шуд, гуфта гузаштанӣ ҳастам.*

*Мувофиқи музокираҳои Маҷлиси маслиҳатии якумин дар ин бора фикри таълиму тарбияро гирифтан даркор аст. Дар Самарқанд ҳам, пеш аз ин, мактабҳо ба забони ўзбекӣ давом мекард. Лекин пас аз тақсимоти ҳудуди миллӣ бисёри мактабҳои Самарқанд ба забони тоҷикӣ давом карда истодааст. Дар бораи аз як забон ба забони дигар гузаронидани мактабҳо чигунагии муаллимонаш ва ба кўдакон сабукӣ ва осонӣ карданашро гуфта гузаштанӣ ҳастам. Дар аввал мактабе, ки ман худ муаллим будам, ба забони ўзбекӣ буд ва ҳамин таҳсили 27-28 (соли таҳсили 1927-1928 –* ***Ў.Р.****) ба забони тоҷикӣ табдил ёфт. Назар ба таҷрибаи ман ин хеле сабаби тараққӣ ва пешрафти талабагон гардид. Бо вуҷуди ба лисони ўзбекӣ одат кардан бачаҳо дар андак вақт забони тоҷикиро ҳам ёд гирифта, нағз мехондагӣ шуданд. Бо муваффақиятҳои бисёр таҳсил гузаронида шуд. Ин ҷо масъалаи имло ҳаст. Имлои кўҳнаи тоҷикӣ хеле душвор хаёл карда мешавад, лекин ин қадар ҳам не. Ҳақиқатан имлои куҳнаи тоҷикӣ дорои як қадар сахтиву камбудӣ аст, лекин бачаҳо дар андак муддат бисёр нағз мехондагӣ ва менавиштагӣ мешаванд. Хусусан, акнун масъалаи имлои тоҷикӣ осон шуд, ки тоҷикон ҳам ба имлои нав гузаштанд ва аз имлои куҳнаи пўсидаи захролуди фалокат халос шуданд.Ҳатто таълим додан ва ёд гирифтан бо имлои нави тоҷикӣ аз имлои нави ўзбекӣ ҳам осонтар шуда монд. Дар бораи имло он қадар ҳам ҳоҷати бисёр таваққуф кардан нест.*

*Ин ҷо масъалаи забон ҳам ҳаст, аз Шарқ то ба Ғарб ҳама медонад, ки аҳолии Бухоро ба кадом забон гуфтугў мекунанд. Албатта, ба забони тоҷикӣ! Фарзанде, ки аз хурдӣ бо гуфтугўи тоҷикӣ калон шудааст, албатта, дар бораи таълим гирифтан бо дигар забон як қадар мушкилӣ мебинад. Агар аз бисёрии аҳолии Бухоро ба забони ўзбекӣ чизеро пурсанд: «Ин чӣ гуфта гўён, ака?» – гуфта ҷавоб бидиҳанд. Албатта, бачае, ки аз хурдӣ ба як забон гуфтугў карда бошад, дар бораи ба дигар забон хондан ва таълим гирифтан хеле ҳам душвориҳое бинад.*




*Дар Самарқанд дар хусуси ба забони тоҷикӣ табдил додани мактаб бо ҳамроҳии падарону модарони талабагон маслиҳат карда, фикр ва маслиҳати онҳоро талаб карда будем. Дар он маҷлис ҳамагӣ чунин ҷавоб доданд: «Худи шумоён аз ҳама нағзтар медонед, ки мо аҳолии Самарқанд ба кадом забон гуфтугў мекунем. Албатта, ба забони тоҷикӣ! Акнун фарзандони мо, ки ба ҳамин забони тоҷикӣ калон шуда ва дар ҳавлӣ ҳам иброз ба тоҷикӣ, дигар забонро гуфтан наметавонанд. Ба кадом забон таълим гирифтанаш беҳтару кадом забонро нағз медонад ва муаллим як чизро пурсад, ба кадом забон ҷавоб додан метавонад? Албатта, ба забони модарии худаш. Мо ҳамагӣ аз тоҷикӣ шудани ин мактаб бисёр хурсандем. Чунки фарзандони мо ба забони модарии худамон хонда, зудтар илмнок мешаванд».*

*Инчунин аҳолии Бухоро ҳам аксарият ба тоҷикӣ гуфтугў мекунанд ва фарзандони онҳо низ ба забони модарии худ таълим гиранд, чӣ қадар боиси пешрафти онҳо хоҳад шуд.*

*Масъалаи китоб бошад, ҳамин таҳсили гузашта мактабҳои Самарқанд бо китобҳои тоҷикӣ нағз таъмин шуда буд. Баъзе камӣ дошта бошад ҳам, умед ҳаст, ки дар таҳсили соли 28-29 (соли таҳсили 1928-1929 –* ***Ў.Р.****) тамоман таъмин карда мешавад. Нашриёти давлатии Тоҷикистон дар ин бора аҳамияти бузург дода, бисёр китобҳои даркориро чоп карда истодааст, ки дар оянда аз хусуси китоб ҳам камӣ нахоҳем дид. Дар ин бора ҳам хотирро бояд ҷамъ дорем, ки мактабҳои мо тамоман бо китобҳои тоҷикӣ ва адабиёти лозимӣ таъмин карда мешаванд.*

*Дар бораи таълим додани муаллимон ба забони тоҷикӣ. Ин масъала худ аз худ ҳал шудааст. Муаллимони Бухоро, ки аз ҳамон оилаи тоҷикзабонанд, иқтидор доранд, ки ба забони тоҷикӣ ҳам мисли забони ўзбекӣ, балки зеботар таълим бидиҳанд. Чунки ҳар кадоми онҳо бо аҳолии тоҷикнуфус ошно ҳастанд ва бо ҳамин имло хонда ва навиштаанд. Муаллимони Самарқанд ҳам ба андозаи ба тоҷикӣ гузаштани мактабҳои Самарқанд ба осонӣ мисли ўзбекӣ таълим доданд, балки аз як кор зуд халос шуданд: тарҷума кардани калима ва ё ҷумлаҳои ўзбекиро ба тоҷикӣ буд.*

*Назар ба мақолаи Б. Икромӣ дар якуми моҳи август Маҷлиси бузург дар бораи ҳамин масъала мешудааст. Бинобар ин андаке аз таҷриба фикрро дар ин ҷо гузоштам.*

*М. Аминзода».*

Бешубҳа, М. Аминзода дар ин мақола моҳият ва аҳамияти ба забони тоҷикӣ табдил додани мактабҳоро бо тамоми ҷузъиёташ пешбарӣ намудааст. Дигар баҳрабардорӣ аз мақола ба зиммаи хонанда.

**Матн ва таҳияи Ўзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

Минбари депутат

# БО КОР ТАЪМИНШАВИИ АҲОЛӢ – МАҚСАДИ АСОСӢ

***Бо мақсади маҳдуд сохтани бекорӣ дар мамлакат бисёр барномаҳои иқтисодӣ таҳия мегардад. Тиҷорати хурд ва соҳибкорӣ дастгирӣ ёфта, дар ҳудудҳо корхонаҳо созмон меёбанд. Дар муассисаҳои таълими касбӣ ва мономарказҳои «Ба кор марҳамат» ба аҳолӣ касбу ҳунарҳои замонавӣ ва забони хориҷӣ омўзонида мешавад.***

Акнун вазифаи асосӣ аз имкониятҳо фаровон истифода бурда, дар маҳалҳо барои аҳолӣ манбаи даромад фароҳам овардан аст. Бухороиён ҳар дафъа Президентамонро дар Бухоро бо кайфияти ҷудогона пешвоз мегиранд. Ҳамчун намояндаи аҳолӣ барои мо – депутатҳо низ ин боиси ифтихор аст. Ҷиҳати дигари ташриф дар он аст, ки он моҳиятан ба фаровонии халқ, бо кор таъмин намудани аҳолӣ, рушдёбии ҳудудҳо нигаронида шудааст. Президент дар Бухоро ба сохтмони се иншооти бузург – маҷмўи газ-кимиё, истгоҳи электри офтобӣ ва аэропорти байналхалқӣ ибтидо гузошт. Ба мавзеи «Ўзбекистони Нав»-и ноҳияи Қарокўл рафта, аз рўзгори худ розӣ будани одамонро дидани роҳбари давлат аз халқпарварии ў гувоҳӣ медиҳад.

Президент ба лоиҳаҳои такмил додани сохтмони роҳ эътибори ҷудогона дод. Вай ба соҳаҳои электротехника, заргарӣ, масолеҳи бинокорӣ, кон, сайёҳӣ ҳамчун идомаи ҷараёнҳои фаровонии мардум муносибат кард ва ба тезонидани иҷрои лоиҳаҳои ба онҳо алоқаманд водор намуд, ба сармоядорон расондани ёрии ҳаматарафаро зарур шуморид. Сарвари давлат барои рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии вилоят имкониятҳои ҷойдошта ва вазифаҳои пешистодаро муайян кард.

Дар худи Ғиждувон мавҷуд будани имконияти фароҳам овардани 25 ҳазор ҷойи нави корӣ, содироти иловагӣ ба андозаи 50 миллион доллар ва 100 миллиард сўм даромад ба буҷа таъкид ёфт. Зарур будани ёрии амалии роҳбарони вилоят ба соҳибкорон ва роҳҳои ба минтақаҳои аз камбағалӣ, бекорӣ ва ҷиноят холӣ табдил додани ҳудуд гуфта шуд. Вазифаи дар хонадони аҳолӣ ба роҳ мондани истеҳсолоти хурд, масъалаи бо роҳи ба касбу ҳунар омўзондани ҷавонон, беҳтар намудани бо шуғл фарогирии онҳо пеш гузошта шуд.

Маърўзаю супоришҳо ҳангоми мулоқот ба намояндагони халқ, фаъолони маҳалла, собиқадорони меҳнат, зиёиён, занону духтарон, вакилони ҷавонон, соҳибкорон ва мутасаддиёни агрокластерҳо моро водор месозад, ки баҳри тараққиёт ва пешравиҳо, ободию фаровонии диёр беш аз пеш самаранок кор кунем ва ба мақсади олиамон – розӣ намудани халқамон ноил шавем.

**Бахшулло БОЗОРОВ,**
**депутати Шўрои намояндагони халқи вилояти Бухоро.**



*Имрўзҳо истироҳатгоҳҳои гўшаҳои зебоманзари кишварамон бачаҳоро ба оғўш мегиранд. Дар истироҳатгоҳи «Берунӣ»-и ноҳияи Яккабоғи вилояти Қашқадарё мактаббачагон бофароғат истироҳат мекунанд. Мавсими истироҳат 4 давраро дар бар гирифта, дар як давра қабули 400 нафар ба нақша гирифта шудааст. Ин ҷо баҳри солимгардонии фарзандон тамоми шароит фароҳам аст ва баробари истироҳат бо кумаки мураббиёни соҳибтаҷриба озмуну мусобиқаҳои шавқовар ташкил мегардад.*

***Дар сурат:*** *дар истироҳатгоҳи «Берунӣ»-и вилояти Қашқадарё.*

***Суратгир: Ҷ. НОРҚОБИЛОВ (ЎзА).***

# МАСЪАЛАҲОИ ТАРБИЯ ДАР АНДАРЗҲОИ АДАБИЁТИ ПАҲЛАВӢ

Паҳнои беканори ориёно, ки аз Мағриб то ба Машриқ тўл кашида, дар бадали чандин ҳазорсолаи пешин то ба имрўз маскани баргузидаи мардумони фаррухрўз буд, гулчини илму маърифатро чӣ дар ҷаҳондориву чӣ дар оиладорӣ қадр менамуданд ва асоси зиндагӣ мешумориданд. Аз замони эҷоди аввалин чакидаҳои назму наср, ки мардуми қисматҳои яман ва ясори порсиёнро бо як силки зарринИ фарҳанги маънавӣ дар худ таҷаллӣ дода, бо ҳам пайвастааcту барои имрўзиён бо номи адабиёти паҳлавӣ маъруф аст, чандин қарнҳо паси сар шудаанд.

Осори паҳлавӣ аз давраи буду боши аввалин хирадмандони парфиёӣ, ки дар соҳилҳои дарёи Теҷен маскан гузида буданд, ибтидо гирифта буд. Дар луғати решашиносии забони тоҷикӣ омадааст, ки калимаҳои «порс», «паҳлав» маънои таҳамтан ва паҳлавонро дошта, ба шеваи шуғнонӣ сидқ мекунад ва хуросониён ё тоҷиконро чунин мегуфтанд.

Мувофиқи баъзе маълумотҳо, дар ҳазорсолаи III пеш аз милод дар водиҳои дарёи Мурғоб ва Зарафшон шаҳракҳои мутамаддине вуҷуд доштаанд, ки даҳҳо гектарро ишғол карда, бо маҳсули ҳунари волои худ бо Ироқ ва Ҳинд робитаҳои савдоӣ доштаанд. Ин давраро олимон чун тамаддуни Шарқ баҳо додаанд. Мардуми гуногунқавми ин сарзаминро дини зардуштӣ ба ҳам пайванд сохта буд.

Яке аз осорҳои то ба мо расидаи паҳлавӣ матнҳои паҳлавӣ дар алифбои авастоӣ мебошад. Андарзномаҳо намуди маъмули адабиёти паҳлавӣ буда, дертар дар замони сосониён густариш ёфта буд. Андарзҳо қисман бунёди авастоӣ дошта, баробари андарз баъзан вожаи панд низ истифода мегардад, ки маънои роҳ ё равишро дорад. Дар андарзномаҳо на танҳо мизони ахлоқ ва одоб, балки баъзан маълумотҳои гаронбаҳои таърихӣ низ арзёбӣ ёфтаанд. Шиносоӣ бо андарзҳо, ки намунаи барҷастаи адабиёти мумтоз ва антиқист, дар ташаккули ҷаҳонбинӣ, худшиносӣ, ахлоқу одоби шоистаи донишомўзон воситаи пуртаъсир мебошад.

Андарзи доноёни пешин воқеоти таърихиро низ инъикос намудааст. Онҳо аз забони хирадмандони портӣ ё худ паҳлавӣ таърихи паҳлавиёнро аз сароғози пайдоиши одамӣ, масканҳои аввалини одамон, ҳаёти шахсиятҳои ҷудогона ҳикоят мекунад. Забони нигориши ин сарчашмаи мумтози фарҳангӣ забони авастоӣ буда, онро яке аз нахустзабонҳои форсӣ ё тоҷикии имрўза шумориданд.

Андарзҳо дар байни ҳамаи тоифаҳои мардум маъруфияти зиёд дошт. Аз ҷумла, қисми зиёди онҳо айнан барои тарбияи неки фарзандон офарида шуда буданд. Масалан, дар андарзи доноён, ки табақаи боақлу ҳуш буда, аз номи Худои некӣ Аҳура-Маздо маздопарастон ном гирифтаанд, чунин омадааст: «Андешаи нек андешад, гуфтори нек гўяд, кирдори нек варзад...», чунки рўҳи покро пиндор нек, гуфтор нек ва кирдор нек аст. Ва «андешаи бад бад андешад, гуфтори бад гўяд, кирдори бад варзад...». Андарзи мазкур одамонро ҳамеша огоҳӣ медиҳад, ки аз роҳи нек дур нашаванд. Андарзи мазкур аз меъёрҳои ахлоқи зардуштия, ки аз се асл қарор гирифтааст, маншаъ гирифта, мардумро ба некию накўкорӣ даъват менамояд ва дар тарбияи насли наврас аҳамияти муҳим дорад.

Дигар андарзе, ки хеле ҷолиби диққат аст, «Андарзи пешиниён» ном гирифтааст, ки панду насиҳатҳои хотирмонро гирд меоварад. Онҳо мухтасар ва мутаассиранд. Масалан: «Фарзанди порсо беҳ», «Кори неки фаровон беҳ», «Дар ҳама кор ва қазоват ростиву дурандешӣ беҳ», «Ҳар рўз ба хештан шумор кардан, ки имрўз чӣ суду чӣ зиён овардам», «Вопасин паноҳи ту кирдори туст», «Доноиро ҳамто нест», «Зиёнкорро ном нест», «Мардонагиро нозиш нест», «Зиндагиро ситоиш нест», «Ва ҳар киро, ки Худо аз ў хушнуд нест, ўро андар биҳишти бомӣ ҷой нест» ва ҳоказо.

Боз як андарзи ҷолиби диққат, ки ҳоло аз даврони қадим мардумро ба шинохтани фарҳанг чун асоси хирад ва боиси оромии ҳаёт даъват менамуд, «Барчидаи андарзҳои пурйуткешон» мебошад. Дар он чунин омадааст: «Ба фарҳанг хостан бикўшед, чу фарҳанг тухми дониш, бори вай хирад ва хирад ороиши ҳарду ҷаҳон аст», «Гуфта шуда, ки фарҳанг дар фаровонӣ ороиш ва дар шигифтӣ поянда ва дар бадбахтӣ дастгир ва дар тангӣ пеша аст».

Чуноне бармеояд, андарзҳо аз даврони қадим одамонро ба ҳушёрӣ, зиракӣ, хирадмандӣ ва некўандешӣ даъват намуда, махзани бебаҳои тарбияву тадриси маънавии фарзандон ба ҳисоб мерафтаанд. Андарзҳо як шакли тарбияи насли наврас буда, аз замони қадим чун дониши маънавӣ маълуму машҳур будааст. Аз ин лиҳоз асоси тарбияи фарзандонро дар байни қавму миллатҳои эронӣ андарзҳо ташкил медоданд ва то имрўз онҳо аз аҳамият холӣ нестанд.

Аз он, ки тарбияи ҳамаҷониба чӣ дар зиндагонии хусравонӣ ва чӣ дар тарбияи халқи одӣ аҳамияти муҳим дошт, муаррих Ктесифон маълумоти хеле муътамаде додааст. Мувофиқи он, шоҳзода Куруш, ки дертар бо кабирӣ ном баровардааст, байни фарзандони одии халқ тарбияи маҳз зардуштӣ гирифта, мисли ҳама хоксору фурўтан, вале донишманду хирадманд ба воя расидааст.

Дар баробари ин, аввалин сарчашмаҳое, ки дар бораи адабиёти паҳлавӣ хабар медиҳанд, катибаҳо ва сангнавиштаҳо мебошанд, ки онро ба форсии миёна ё худ паҳлавӣ шабоҳат додаанд. Дертар матни юнонӣ низ илова шуданаш аз он дарак медиҳад, ки онҳо тарҷума шудаанд.

Ҳамин тавр, матни андарзҳо ганҷинаи бебаҳои маънавӣ буда, дар ташаккули ҷаҳонбинии донишомўзон, тарбияи маънавӣ-ахлоқии онҳо ҳиссаи беҳамто мегузорад. Ин асарҳо чӣ аз назари мўҳтавову маънӣ ва чӣ аз назари лафзиву ҳунарӣ арзандатарин ва волотарин ҳунари сухангустарии пешдодиёни мо буда, ҳамгироии онҳо ба таълим ва тарбияи муосир метавонад рушди таълимро ба марраи нав бардорад. Чун имрўз дар назди соҳаи омўзиш ва парвариши донишомўзон масъалаи хеле муҳими тарвиҷи сифати таълим ба воситаи эҳёи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, ворид намудани анъанаҳои миллӣ вогузошта шудааст, маъниву тобишҳои андарзи бузургони пешдодии мо дар тарбия намудани ҳисси фарҳангдўстӣ, донишмандӣ, меҳанпарастӣ, инсонпарварӣ саҳми арзанда мегузоранд.

**Зебунисо ФАЙЗУЛЛОЕВА,**
**доктори фалсафаи улуми педагогӣ,**
**дотсенти кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳои давлатии омўзгории Тошканд ба номи Низомӣ.**

# ШАРОИТИ ХУБ «АММО» НИЗ ДОРАД

Мардум аз ибтидо то ҳол барои зиндагонии хуб кушиш менамоянд ва ин боиси ихтирову офаридаҳои нав ба нав дар соҳаи илму фан ва техника мегардад.

Аввалин нақлиёти ҷамоатӣ дар ҷаҳон баҳори соли 1662 дар пойтахти Фаронса – шаҳри Париж ба кор даромадааст. Ин аробаи ба асп басташудаи дорои ҳашт ҷой буд, ки «омнибус» («барои ҳама») ном дошта. Пас аз ин, дар дигар шаҳрҳо низ чунин аспу аробаҳо пайдо шуд, ки бо ороишоти хоси худ аз ҳам фарқ мекард. Дар асри XX омнибусҳо маълуму машҳур гардиданд.

Нововариҳои соҳаи нақлиёт натанҳо роҳи дури мардумро наздику бори вазнинашонро сабук гардонд, балки ороишоту шароити фароҳами нақлиёти гуногунтамға ба онҳо завқу шавқи зиёд низ бахшид.

Пас аз ихтирои чарху ароба кору бори мардум сабуктар гардид, дар сафарҳои дуру дароз аспи аробадор – каретаҳо «ба кумак» меомаданд. Пайваста ба ин ҷиҳати роҳгардии «чаҳорпо»-ҳо роҳу пулҳо такмил меёфтанд.

Имрӯз бошад, ҳамаи ин ранги дигар гирифтааст. Афзалияту қулаиву дизайни автобус ё автомобилҳои истеҳсоли ватаниву хориҷӣ яке аз дигараш беҳтар аст.

Ба хусус, як сол пеш аз ин ба Тошкандшаҳр автобусҳои «гармошка»-дор оварда шуд, ки барои насли миёнсолу куҳансолон овони бачагиву ҷавониро ба ёд овард. Чунин автобусҳо чоряк аср пеш нафақат дар Тошканд, балки дар маркази вилоятҳо низ дар хидмати мардум буд.

Дарозии чунин автобусҳои истеҳсоли Чин 18 метр буда, «King Long» ном дорад. Ғайр аз ин, «Yutong» ном электробусҳои 12 метра низ оварда шуд, ки ҷамъи шумораи онҳо беш аз ҳазор дона мебошад. Аксари онҳо тариқи нақлиёти боркашонӣ дар давоми 10-15 рӯз оварда шуд. Барои чунин автобусҳо ронандагонеро ба кор гирифтаанд, ки онҳо дар машқгоҳҳои махсус амалиёт гузарониданд. Ҷиҳати ба монеа дучор нагардидани автобусҳои «гармошка»-дор дар истгоҳҳо корҳои тармиму таҷдидро азнав анҷом додаанд.

Дар автобусҳои номбаршуда ҷӣ барои мусофирон ва ҷӣ барои ронандагон шароитҳои зарурӣ фароҳам оварда шудааст, инчунин, камераҳои дохиливу берунӣ идоракунии нақлиётро осон гардонад, асбоби дар қисми болои ҳар як дари он насбгардида шумораи мусофиронро ба ҳисоб мегирад, ки он барои омӯхтани талаби аҳолӣ дар ҳамин самт, танзими ҷадвали самтҳо ва ба нақша гирифтани фосилаи байни автобусҳо кумак мерасонад.

Кондитсионер, розеткаҳои USB барои қувватдиҳии телефони дастӣ дар ҳар қатор, нишастгоҳҳои махсус барои ногироҳо, занони ҳомилаву кудакдор низ аз ин ҷумла мебошанд.

Бесабаб аз таъриху нововариҳои соҳаи нақлиёт ёдовар нашудем, чунки зери муваффақиятҳои ин соҳа хидмату талошҳои чандин олимону коргарон нуҳуфта аст. Аммо қариб, ки ҳар рӯз тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ оиди садама (задухӯрд)-ҳои нақлиётӣ хабарҳо пахш мешаванд, ки дар баъзеи он номи автобусҳои зикркардаамон низ ба назар мерасад. Дар бораи ба ҷазо кашида шудани ронандагоне, ки қоидаи ҳаракати роҳро вайрон мекунанд, маълумотҳо низ дода мешавад, аммо ҳолати ногувор ҳанӯз давом мекунад.

Ба фикри ман низомеро бояд пурзӯр гардонд, ки тариқи он ба қоидаҳои одобу муошират риоя кардан ва масъулияти касбро чӣ гуна эҳсос намудани ронандагон пурра омӯхта шавад. Ва ба воситаи чунин низоми кор аз чунин ронандагон зарари моддиву маънавие, ки онҳо ба ҷамъият ва давлат расондаанд, ситонда шавад.

Дар солҳои аввали истиқлолият дар ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии мамлакатамон мушкилоти зиёд ба назар мерасиданд. Бахусус, мардум аз норасоии нақлиёт азият мекашид. Мо он гоҳ донишҷӯи Донишгоҳи давлатии Бухоро будем. Донишҷӯёне, ки дар охири ҳафта бояд ба хонаашон баргарданд, саривақт ба истгоҳи маркази шаҳр рафта чипта мехариданд, аммо баъзан аз бисёрии одамон ба автобус савор шуда натавониста, маҷбур мешуданд, ки азнав маблағ сарф карда, билети дигар харид кунанд...

Боре дугонаи шофиркониам ба автобусе савор шудааст, ки ронанда барои бештар ҷамъ кардани одамон автобусро зери офтоби тафсон нигаҳ медошт. Дугонаам бо машаққати зиёд ба автобус савор мешаваду баъди 5-10 дақиқа аз норасоии ҳаво аз ҳуш меравад. Азбаски аз бисёрии мардум ҷойи сӯзанзанӣ набуд, дугонаи азҳушрафтаам низ дар пойи худ рост меистод. Вақте ки чарххҳои автобус ба ҳаракат даромад, аз туйнуки болои он ҳавои тоза меояду ҳуши дугонаам ба худаш.

Розия Шодиеваи вобкандӣ, ки он солҳо донишҷӯйи факултаи физика-математикаи Донишгоҳи давлатии Тошканд буд, ҳоло низ дандоншикании нақлиёти он замонро фаромӯш накардааст.

— Дар арафаи ҷашни Наврӯз, ки акнун барои васеътар ҷашн гирифтани он рухсат шуда буд, ба деҳаам рафтанӣ шудам. Чипта низ ёфт шуд, аммо он рӯзи муқарраргардида ба автовокзали ҳоло аз тармиму таҷдид тамоман ранги дигар гирифтаи «Тошканд» рафтам. Азбаски дар чипта ҷойи муқаррарии ман қайд нашуда буд, мисли чандин ҷавонон ман низ ба пой рост истода, сӯйи манзил мерафтам. Албатта дар онҷо одамони меҳрубон зиёд буданд, ки сари чанд вақт барои нишастан ба мо 20-30 дақиқа ҷояшонро медоданд, – мегӯяд Р. Шодиева.

Имрӯз ба ин гуфтаҳо боварии кас намеояд, чунки автобусҳои замонавии боҳашам, қатораҳои одиву тезгард ва ҳавопаймоҳои хурду бузург шабонарӯз дар хидмати мардум аст.

Албатта, барои чунин шароиту қулаиҳо аз ҳукумати кишвар миннатдорем, аммо фаромӯш набояд кард, ки ҳамаи ин арзиши моддии худро дорад ва мо онро чун гавҳараки чашм эҳтиёт кунем, то насли оянда аз мо андоза гирифта, ба қадри хидмати ҳамватанон бирасанд.

**Набия НОДИРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**



*Байни тарбиятгарони мактаби ба навъҳои варзиши обӣ ихтисосонидашудаи тасарруфи иттиҳодияи варзишии вилояти Андиҷон сафи чемпионҳо, ғолибони мусобиқаҳои кишвар, миқёси қитъавию ҷаҳонӣ ва иштирокчиёни Бозиҳои олимпӣ сол аз сол меафзоянд.*

*– Дар мактабамон 320 нафар духтару писарон навъҳои шиноварӣ, шиноварии синхронӣ, қайиқронии академӣ, байдарка ва каноэи варзиш малакаи худро меафзоянд. Аз онҳо 128 нафар духтарон мебошанд, – мегӯяд сармураббии муассиса Ойбек Исмоилов. – Ҳолати ҳавзаи сарпӯшидаи об хеле хуб буда, ба он ускунаҳои гармидиҳӣ гузаронида шудаанд. Хонаҳои либосивазкунӣ, азназоратитиббигузаронӣ, фитобар, майдони тренажёр дар ихтиёри тарбиятгарон мебошад. 8 нафар мураббиён бо онҳо машғулоти гуногун мебаранд.*

***Дар сурат:** дар мактаби ба навъҳои варзиши обӣ ихтисосонидашудаи вилояти Андиҷон.*

***Суратгир: З.УМУРЗОҚОВ (ЎзА).***

# «ТАШАББУСКОРӢ ВА ЭҶОД МАРО БА ҚУЛЛАҲОИ БАЛАНД РАҲНАМОӢ МЕКУНАД»

(Аввалаш дар саҳ.3).

– Гуфтанд, ки маросими муаррифии «Бози танҳо»(«Ёлғиз қуш») дар доираи ҷашнвораи байналмилалӣ баргузор мешавад. Баъд ин маросим баргузор гардид ва китоби ба озарӣ тарҷума шударо ба иштирокчиёни он тӯҳфа карданд. Ҳатто чанд нусхааш ба китобхонаҳо низ тақсим шуд. Ба ман чанд бастаи онро доданд, ки ба Ватан бибарам. Кайфиятам хеле олӣ буд. Инсон метавонистааст ба орзуҳои хостааш бирасад. Гуфтаниам, агар чизеро, ки интизораш нестӣ, бароят ногаҳон тақдим кунанд, одам аз хушбахтӣ худро гум мекардааст, – мегӯяд бо табассум ӯ.

Вай муаллифи маҷмӯаҳои «Фаромӯшкунӣ кори саҳл нест» (2010), «Таронаи Лайлӣ» (2011), «Гавҳарам ҳаст» (2012), «Роҳ ба дил» (2016), «Маликаи сукунат» (2017), «Бози танҳо» (2020) мебошад. Ба гуфтаи Зилолабону Холиқова «Бози танҳо» китоби шеъру хотираҳои ӯст. Инчунин маҳсули эҷоди ӯ дар якчанд китобҳои дастаҷамъӣ, ки дар ИМА, Ҳиндустон, Туркия ва Озарбойҷон нашр шудаанд, ба табъ расидааст. Дар баробари ин, дар алманаххҳои «Васфи Ватан», «Чашмаҳои ҳаёт», «Фарзандони истиқлол», «Ҳикояҳои хурд» ва «Модарҷон» намунаҳои ашъори ӯ ҷой дода шудаанд.

– Шунидам, ки падару модари низ аҳли адабу санъатанд.

– Бале, ба шумо аввал дар бораи модарам Раъно Кодирҷонова нақл мекунам, ки 10 феврали соли 1949 дар шаҳри Қошғари Ҷумҳурии Мухтори Уйғури Чин ба дунё омадааст. Замоне, ки дар мактаби миёнаи рақами 95-уми шаҳри Тошканд таҳсил кардааст, дар маҳфили ҳаваскорон ширкат мекардааст. Пас бо роҳбарии устоди маъруфи рақс, Ҳунарпешаи мардумии Ўзбекистон Қундуз Миркаримова ба студияи дусолаи суруду рақси назди Филармония давлатӣ дохил шудааст. Сонӣ консерваторияро хатм карда, ба Театри вилоятии драма ва мазҳакаи ба номи Юнус Раҷабии Ҷиззах ба кор даромадааст, – мегӯяд Зилолабону Холиқова. – Ифтихор мекунам, ки модарам ҳамчун актриса низ нақшҳои зиёдеро иҷро кардааст, аз ҷумла Санобар дар «Зиёие, ки бар торикӣ пирӯз шудааст»-и Ў.Рашид, Люсин дар мазҳакаи «Табиби зӯракӣ»-и Моллер, Холисхон дар «Асрори фаранҷӣ», Нисо дар драмаи «Ҳалокати одат»-и адиби маъруфи тоҷик Меҳрубон Назаров, Ҳуррият дар «Парвоз»-и Уйғун барин персонажҳоро офаридааст. Ҳозир низ бекор нанишаста, дар дастаи фолклорӣ-этнографии «Дурдона»-и назди боғи фароғатии ба номи Ғафур Ғуломи шаҳри Тошканд таҳти роҳбарии Маҳфузахон Боймирзоева машғули эҷод мебошад, – меафзояд ӯ.

Вай дар бораи падараш – Ғанӣ Холиқов низ бо ҳарорати том ҳарф зад. Ба гуфтаи Зилолабону падараш зодаи шаҳри Ҷиззах мебошад. Номи вай дар радифи Мутал Бурҳонов, Икром Акбаров, Собир Бобоев, Шариф Рамазонов, Мустафо Бафоев, Ҳабибулла Раҳимов, Надим Норхӯҷаев, Аваз Мансуров ва Ойдин Абдуллоева барин бастакорони Ўзбекистон вирди забонҳо мебошад, ки бо осори гаронбаҳояшон барои ғанӣ гардонидани маънавияти ҷавонони мамлакат хидмат мекунанд.

– Падарам узви Иттифоқи бастакорони Ўзбекистон, Ходими шоистаи мураббии ҷавонони Ўзбекистон аст. Дар миёнаҳои солҳои 70-уми қарни гузашта вай ҳамчу бастакори ҷавон ва сароянда бо маҳорат ва овози нотакрори худ далерона вориди майдони санъати мусиқӣ шудааст. Бо сурудҳои рангоранги эстрадӣ, асарҳои саҳнавии мусиқӣ, симфонӣ, оҳангҳои рақсии худ дар дили ҳаводорон маъво гирифтааст. Вай баъди омӯзишгоҳ дар Консерваторияи давлатии Тошканд аз профессор Сайфӣ Ҷалил асрори санъатро чуқур омӯхта, дар жанрҳои гуногун асарҳо офаридааст. Асарҳои ӯро Юнус Тӯраев, Раъно Шарифова, Наталья Нурмуҳамедова ва модарам – Раъно Қодирҷонова иҷро кардаанд.

Ба таъкиди ҳамсуҳбати мо Ғанӣ Холиқов дар давоми фаъолият зиёда аз 200 суруди машҳур, оҳангҳои инструменталиро барои оркестр ва ансамблҳо эҷод кардааст. «Маҷнунбед», «Саро, Ботир», «Наврӯз ба ҷаҳон омад», «Ишқи ман аст», «Нозукаки ман», «Модар – Ўзбекистон», «Рози дутор» ва амсоли он аз зумраи асарҳои офаридаи ӯ мебошанд. Инчунин, зиёда аз 20 силсилаи суруду оҳангҳои халқӣ ва классикии ўзбек, мисли «Дилхироҷ», «Ёр-ёр», «Соқиномаи баёт», «Мулоқот»-ро ба самъи шефтагони суруду мусиқӣ эҳдо кардааст.

– Ин сурудҳо аз тарафи сарояндагони маъруфи эстрада Козим Қаюмов, Гулбаҳор Сулаймонова, Муҳаббат Шамаева, Юнус Тӯраев, Лариса Москалёва, Раъно Шарифова ва овозхонҳои дигар иҷро гардидаву ба мухлисон шодӣ бахшидаанд. Талош намудам, ки дар бораи падари бастакорам низ шеъре бинависаму ӯро васф кунам. Ин ҷо чанд байт аз онро пешкаш мекунам, ки қазоват ба дӯши муштариёни «Овози тоҷик» хоҳад буд:

*Ҷавонӣ гузашту баҳорон гузашт,*
*Чи душвориҳо пушти сар кард ӯ,*
*Биёбад камолу расад бар ҳадаф,*
*Шабони зиёде саҳар кард ӯ.*
*Ба мардум биёвард шодӣ,*
*нишот,*
*Ва нохун зад ӯ чу ба тори*
*дутор...*

Зилолабону Холиқова, ки бо тахаллуси Зилолабону Ғаниҷон қизи машғули эҷод мебошад, бо бештар аз сад диплом, сертификат ва ташаккурнома сарфароз гардидааст, ки як қисми онро ҳангоми сафар дар мамолики хориҷӣ ба даст овардааст. Бо сайъ ва эҳтимоми ӯ як идда ҷавононе, ки маълӯл ҳастанд, ба маҳфили адабиву эҷодии «Оҳу» ҷалб карда шудаанд ва ба ҳаёти пурҷӯшу хурӯш қадам монда, аз нақҳати зиндагӣ баҳра мебаранд ва эҷод мекунанд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# ҶАШНВОРАИ ҶАВОНОН ДАР БУХОРО

***Дар майдони фаввораҳои ба номи Абӯалӣ ибни Синои шаҳри Бухоро таҳти шиори «Ҷавонони Ўзбекистони Нав, муттаҳид шавем!» консерти умумӣ, маросими ҳавасмандгардонии ғолибони мусобиқаҳои шаҳрию ноҳиявии намуди варзишии мини-футбол ва футбол барои ҷоми хидмати давлатии бехатарӣ ба амал омад.***



Ҷашнворае, ки дар доираи моҳонаи ҷавонон созмон ёфт, ранги тантанавӣ гирифт. Дар он масъулони соҳа таҳти роҳбарии ҳокими вилоят Б.Зарифов, роҳбарони секторҳои маъмурӣ, намояндагони ҷамоатҳо ва ҷавонон иштирок карданд.

Роҳбари вилоят соҳибони ояндаамон – ҷавононро бо иди фархундаашон муборакбод намуд.

– Ҷавонони мо нафақат дар соҳаи варзиш, балки дар ҳамаи соҳаҳо ҷойҳои муносибро ба даст дароварда, боиси сарбаландиҳоямон мегарданд, – гуфт ҳоким. – Оммавӣ гардондани варзиш бошад, омили муҳими сиҳату саломатии насли наврас мебошад.

Ҳокими вилоят чун рамзи эътибор комёбиҳои соҳаи таълиму тарбияро алоҳида таъкид кард.

– Имсол қариб 30 ҳазор нафар синфи 9-умро, 22 ҳазор нафар синфи 11-умро хатм карданд. 861 нафари хатмкунандагони синфи XI соҳиби медали тиллою нуқра шуда бошанд, 729 нафари онҳо мактабро бо медали тилло ба поён расонданд. 7 нафар ғолиби озмуни ҷумҳуриявӣ ва 7 нафари дигар ғолиби олимпиадаҳои байналхалқӣ гардиданд. Боиси хурсандист, ки 350 нафар бачагони соҳибиқтидори вилоят ҳанӯз дар партаи мактаби миёна нишаста ба донишҷӯйи таълимгоҳҳои олии бонуфузи хориҷию ватанӣ сазовор гардиданд...

Роҳбари Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ Отабек Ҳасанов низ ба сухан баромада, дархостҳои нек баён кард.

Онҳое, ки ба комёбиҳои назаррас сазовор гаштаанд, тақдир ёфтанд.

Иди ҷавонон бо консерти сарояндагони намоёни эстрада поён ёфт. Ин чорабинӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят идома меёбад.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

# ТАРБИЯ ҲУСНИ ТАЪЛИМ АСТ

Аз амалҳои савобе, ки баъд аз сари инсон аз ӯ ёдгор мемонад, беҳтаринаш тарбияи фарзанди босавод аст, ки фоидааш ба мардум мерасад ва ин амали инсон баробар ба таълифи як китоби пурмазмун мебошад. Яке аз масъалаҳои муҳими ҷомеаи имрӯз тарбияи наврасону ҷавонон дар руҳияи меҳандӯстиву инсонпарварӣ ва хештаншиносию худогоҳии миллӣ, роҳ надодан ба гаравидани онҳо ба ҳизбу ҳаракатҳои хатарноки ифротию тундгаро мебошад. Аз ин хотир, таъкид намудан ба маврид аст, ки мо дар ҳамкорӣ бо оила, мактаб ва ҷомеа бояд наврасону ҷавононро аз мақсадҳои нопок ва оқибатҳои даҳшатбору хатарноки чунин гурӯҳҳо огоҳонида, онҳоро ба дониши сиёсӣ мусаллаҳ гардонем, ба зиракиву ҳушёрӣ даъват намоем. Аз ҷониби дигар, дар ҳамин замина эшонро ба таҳсилу тадрис ва касбомӯзии замонавӣ равона созем.

Ҳамзамон бояд гуфт, ки дар таълиму тарбияи фарзанд падару модар, наздикони ӯ, омӯзгор ва дар маҷмӯъ тамоми аҳли ҷомеа вазифадор мебошанд.

Бояд гуфт, ки мавқеи тарбия ҳамеша болотар аз таълим аст, зеро тарбия мақоми таълимро муайян менамояд. Тарбияи фарзанд аз вақти таваллуд ва ҳатто қабл аз он оғоз меёбад. Бинобар ин, вазифаи падару модар танҳо хӯрондану пӯшонидани фарзанд нест, балки онҳоро зарур аст, ки ба таҳсили фарзандони хеш эътибори ҷиддӣ диҳанд. Ҳар як падару модар вазифадор аст, ки барои таҳсили фарзандони хеш тамоми шароитро фароҳам орад, то онҳо дар оянда ҳамчун шахси хушахлоқ, баркамол, зиндагидӯст ва ватанпараст ба воя расанд. Инчунин, бояд падару модарон дар якҷоягӣ бо мураббиёну омӯзгорон дар таълиму тарбияи насли наврас дастаҷамъона заҳмат кашанд.

Омӯзгор шаҳсутуни таълим ва тарбия ба ҳисоб меравад. Сири ҳама муваффақият ба сурати комил дар шахсияти омӯзгор нуҳуфтааст. Аз ин лиҳоз, бояд муаллим ва мураббӣ аз нигоҳи хусусиятҳои шахсӣ ва касбӣ комилан омода бошанд, чунки пешаи омӯзгорӣ аз шахс масъулияти бузургро талаб мекунад. Абӯалӣ ибни Сино роҷеъ ба ин масъала чунин мегӯяд: «Тарбияткунанда бояд оқил, бодиёнат, донандаи хуби масоили тарбияи нафс, донандаи хуби роҳҳои тарбияи кӯдакон, бовиқору ҷиддӣ, хушахлоқу нармхӯ, зирак, ҷавонмард ва поксирату поктинат бошад».

Тарбияи ахлоқӣ яке аз омилҳои асосии беҳтар шудани сифати таълим ба шумор меравад. Аз ин рӯ, ба ин ҷиҳати тарбия бештар диққати махсус бояд дод. Дар таълиму тарбияи ахлоқӣ омӯзиши ҳикояву афсона, шеъру достон, панду насиҳат аҳамияти басе калон доранд, зеро, баъзе омилҳои беруна, аз қабили таъсири муҳити атроф, кӯча, муносибат бо ҳамсолону калонсолон ба хонандагон осори худро боқӣ мегузоранд. Дар ин раванд бояд таъсиррасонии тарбияи ахлоқӣ дар муассисаҳои таълимӣ нисбат ба таъсиррасонии омилҳои беруна пурқувват бояд бошад.

Воқеан, имрӯз ҷавонони кишвари мо баҳри такмили донишу маърифат, ҷаҳонбинии васеъ, омӯзиши эҷодкоронаву ихтироъкорӣ ва маҳорату малакаи хуби касбомӯзӣ азму талош доранд.

Тарбия одобу рафтор аст ва ба назари донишмандон, ахлоқ фалсафаи амалии ҳар як халқу миллат ба шумор меравад.

Педагоги маъруфи рус Луначарский оид ба тарбияи ахлоқӣ чунин фармуда буд: «Агар устои заргар тиллоро вайрон кунад, онро аз нав гудохтан мумкин. Вале агар одам вайрон шавад, ин гуноҳу ҷинояти бузургест».

Мо чеҳраи хос ва расму оини миллӣ, забони ғанию шево, таъриху фарҳангу адабиёти бостонӣ, мазҳаби таҳаммулгаро, хулоса, аз муҳити хонавода то шаҳрдорию давлатдорӣ тамоми арзишҳои миллиро дорем ва бояд бо ин ифтихор намуда, онро ба наслҳои оянда ба мерос гузорем.

**Аъзамҷон АМИРҚУЛОВ,**
**Алишер АҲМЕДОВ,**
**муаллимони кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии Донишкадаи соҳибкорӣ ва педагогии Деҳнав.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
**Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.**
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-628.
Адади нашр 4220. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: Г. Кабирова
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 20.30

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.